Пардохти андоз - баҳои
тамаддуниятнокии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№2 (1151)

Панҷшанбе,
10 январи соли 2019

E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли
1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

## ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ ШАФФОФ

Ҳолати интиқоли маълумоти
НФС-ҳо ба махзани
маълумоти Кумитаи андоз



## МНХ - ВОСИТАИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ДАРОМАДИ ВОҚЕӢ



Истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ
уҳдадории соҳибкор аст

с. 7

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

### МАҚСАД – КОҲИШ ДОДАНИ БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗ



Таъмини қисми даромади буҷет ва кам намудани бақияи қарзи андозҳо таҳти назорати Гурӯҳи кории Кумитаи андоз

с. 4

АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

### ИҶОРАДИҲАН-ДАҲОИ БЕҚАЙД

Бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани иҷорадиҳандагони объектҳои молу мулки ғайриманқул

с. 5

АНДОЗ ВА ҚОНУН

### ВОСИТАИ МУҲИМИ ПЕШГИРИИ ҚОНУНВАЙРОН-КУНИҲО

Соҳибкороне, ки бе қайди мақомоти андоз фаъолият мекунанд

с. 8

ХИЗМАТРАСОНӢ

### НАТИҶАИ КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

Санҷиш манбаъҳои нави андозбандиро ошкор намуд

с. 9

РУШДИ СОҲИБКОРӢ

### ҲИСОБИ ГАРОНИИ АНДОЗ ДАР САТҲИ КОРХОНАҲОИ ХУРД

Такмили қонунгузории соҳаҳои даххдор – талаби Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

с. 10

# ҶАЗО БАРОИ САРКАШӢ АЗ ПАРДОХТИ АНДОЗҲО

**Бақияи қарзи андозҳо яке аз масъалаҳои ташвишовар ба шумор рафта, ситонидани онҳо таҳти назорат ва ҷораҷӯии пайвастаи мақомоти андоз қарор дорад. Бояд қайд намуд, ки дар баробари дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ андозсупорандагон низ барои содир намудани ҷиноят ба ҷавобгарӣ ҷалб ва аз озодӣ марҳум карда мешаванд.**



Мақомоти андози ҷумҳурӣ дар баробари беҳтар намудани маъмурикунонии андозҳо ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, барои назорати риояи қонунгузории андоз ҷиҳати дуруст ҳисоб ва сари вақт ба буҷет ворид намудани андозҳо пайваста чораҷӯӣ менамоянд. Кумитаи андоз бо ин мақсад ва барои боз ҳам ривоҷ додани фаъолияти мақомоти андоз ва пешгирӣ аз қонунвайронкунии андоз аз ҷониби андозсупорандагон дар ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намудааст. Зеро, тавре натиҷаи корҳои назоратии мақомоти андоз аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бо мақсади саркашӣ намудан аз пардохти андозҳо ва ғайриқонунӣ ба даст овардани фоида як гурӯҳи шаҳрвандон пайваста роҳҳо ва усулҳои навро ҷустуҷӯ менамоянд, ки ин, албатта, ҷиноят аст.

Бо ташаббуси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14-уми майи соли 2016 №1305 қабул гардид, ки мейёри эзоҳи моддаҳои 292-293 кодекси мазкур барои пешгирии қонунвайронкунии андозсупорандагон пешбинӣ шудааст. Яъне тибқи тағйиру иловаҳои воридгардида шахсони воқеӣ ва ё соҳибони шахсони ҳуқуқӣ ҷинояти содир намудани ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, нисбати аксарияти онҳо бо ҳукми суд ҷазо дар намуди маҳрум намудан аз озодӣ татбиқ карда мешавад.

Дар моддаи 292 Кодекси мазкур гуфта шудааст, ки саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, ки қонун муқаррар намудааст, бо роҳи дидаю дониста ба асноди муҳосибӣ ё декларатсияи андоз дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот ё бо роҳи дигар пинҳон доштани объектҳои андозбандишаванда, ки ба миқдори калон содир шудааст, ҷарима ба андозаи аз панҷсаду чилу ҳафт то нуҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин мӯҳлат ҷазо пешбинӣ шудааст

Ҳамчунин, қайд шудааст, ки ҳамин кирдор, агар аз ҷониби шахси қаблан барои ҷинояти дар ҳамин модда ё барои ҷиноятҳои дар моддаҳои 291 ё 293 пешбинишуда, судшуда ва ба миқдори махсусан калон содиршуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз нуҳсаду дувоздаҳ то як ҳазору чорсаду шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад. Яъне ҳангоми саркашӣ аз пардохти андозҳо аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ба маблағи 1100000 сомонӣ ва ҳангоми саркашӣ аз пардохтҳои андозҳо ба маблағи 2062 500 сомонӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад.

**Инчунин шахсе, кирдорҳоро бори аввал содир намуда, маблағи андозҳо ва (ё) пардохтҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳоро дар мӯҳлати 48 рӯзи корӣ пас аз қарори дахлдори мақомоти андоз пурра супоридааст ва ин кирдорҳоро такроран содир намуда, маблағи андозҳо, пардохтҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳоро дар мӯҳлати 24 рӯзи корӣ пас аз қабули қарори дахлдори мақомоти андоз пурра супорида бошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.**

Тибқи талаботи моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андозҳо ва (ё) пардохтҳо бо роҳи пешниҳод накардани эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз дар ҳолате, ки пешниҳоди чунин эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз ҳатмӣ мебошад ё ба эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз дидаю дониста дохил кардани маълумоти таҳрифшуда, ки боиси ба миқдори калон пардохт нагардидани андозҳо ва (ё) пардохтҳо гаштааст, бо ҷарима ба андозаи аз сад то дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Ҳамчунин, агар ин кирдор аз ҷониби шахси қаблан барои ҷинояти дар ҳамин модда ё барои ҷиноятҳои дар моддаҳои 291 ё 292 пешбинишуда, судшуда, ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо ҷарима таъин карда мешавад ва ё ба мӯҳлати то се сол аз озодӣ маҳрум карда мешавад.

**Ҳангоми саркашии пардохти андоз аз тарафи шахсони воқеӣ ба маблағи зиёда аз 550 000 сомонӣ ва ҳангоми саркашӣ аз пардохти андозҳо ба маблағи 1100000 сомонӣ парванди ҷиноятӣ оғоз карда мешавад.**

Моддаи 259 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ ё бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозат (литсензия) ҳатмӣ мебошад ё бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ ва (ё) бо роҳи истифода кардани шахсони дигар, инчунин машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон ё расонидани зарар ба миқдори калон ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё ба давлат содир шудааст, ҷиноят эътироф намуда, тибқи санксияи моддаи мазкур, бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

Ҷуноне зикр мешавад, ин кирдор, агар аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон ва аз ҷониби шахси қаблан барои соҳибкории ғайриқонунӣ ё фаъолияти ғайриқонунии бонкҳо судшуда содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз панҷсаду чилу ҳафт то нуҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол бо ҷарима ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷазо дода мешавад.

Аз ин бармеояд, ки Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ҷонибдори ривоҷу равнақ ёфтани фаъолияти соҳибкорон буда, пайваста бо онҳо дар ҳамкорӣ аст ва омодааст онҳоро дар самти идораи фаъолияташон кӯмаки методӣ расонад.

Чунки яке аз масъалаҳои ташвишовари мақомоти андоз бақияи қарзи андозҳо ба шумор меравад ва бо ин сабаб ситонидани онҳо таҳти назорат ва ҷораҷӯии пайваста қарор дорад. Бояд қайд намуд, ки дар баробари дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ андозсупорандагон низ барои содир намудани ҷиноят ба ҷавобгарӣ ҷалб ва аз озодӣ маҳрум карда мешаванд.

Ин аст, ки тибқи маълумоти дастрасгардида, ба ҳолати 30-юми ноябри соли 2018 бо моддаҳои 259, 292 ва 293 дар муассисаҳои ислоҳии Системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони алоҳида бо мӯҳлатҳои гуногун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида, аз озодӣ маҳрум карда шуданд.

Инҳо Бабаев Владимир Борисович (соли таваллуд 1985), Ин Сюандэ (1971), Маҳкамов Арсланбек Аскарович (1980), Назаров Парвиз Рустамович (1981), Ниёзбеков Аъзам Ниятбекович (1987), Одинаев Фирдавс Абдуҷабборович (1984), Разоқов Фурқат Абдухолиқович (1981), Саидов Фарҳод Ҳомидович (1978), Сангинов Зуҳал Бокалонович (1988), Сафизода Қадамҷон Исмат (1981), Фатҳуддинов Хайриддин Сайҳомидович (1971), Хоҷаев Ҳукматулло Маҳмадуллоевич (1966), Ҷураев Бахтовар Нарзиқулович (1983), Шарифов Баҳодур Ҷурахонович (1977), Шарифов Шоҳин Шодиевич (1973), Шодмонқулов Андалеб Турақулович (1977), Исмоилов Ҷура Шафиевич (1961), Умаров Мухаммадҷон Муҳаммадсолиҳович (1996), Ҳасанов Равшан Баҳромович (1971), Шарифов Оламафруз Сарҳадович (1986), Шокиров Ғайбулло Самиевич (1960), Шомаҳмадов Ифтихор Азизқулович (1984), Амонов Абдуҳалим Бангиевич (1958) мебошанд.

**Бояд қайд намуд, ки мутобиқи моддаи 65 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии иҷрои уҳдадории андоз аз ҷониби мақомоти андоз бо роҳи пеш бурдани ҳисобномаи шахсии андозсупоранда (агенти андоз) амалӣ карда мешавад. Ҳамазамон, тибқи қисми 5 моддаи мазкур маблағи уҳдадориҳои андози ҳисобшуда, ки барои иҷрои онҳо амалӣ намудани шартҳои махсус ҳамчун қарзҳои андози мушкилситон дониста шуда, дар мақомоти андози дахлдор алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад.**

**Кароматулло ҲАЗРАТҚУЛОВ,**
**мутахассиси пешбари Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Мазҳаб ҶУМЪА,**
**мухбири «Боҷу хироҷ»**

# ФИРОР АЗ АНДОЗ

**Масъалаи зиёдшавии бақияпулиҳои андоз ва насупоридани андоз аз даромад имрӯз мушкилоти асосӣ боқӣ мондааст. Ин аст, ки раиси шаҳри Бохтар Абдуалим Исмоилзода дар ҷаласаи кории худ аз ташкили андозбандии шахсони воқеӣ изҳори нигаронӣ намуд. Ӯ афзуд, ки «дар шаҳр садҳо хона ба иҷора дода шуда, соҳибмулкон фоида мегиранд, лекин андоз аз даромадро намесупоранд».**



Ҳар рӯз даҳҳо шаҳрванд, бахусус донишҷӯён дар кӯчаҳои шаҳри Бохтар хонаи иҷора мекобанд, аммо қариб, ки намеёбанд. Ҳама манзилҳои истиқоматӣ банд аст. Донишҷӯдухтарон ночор худро бо соҳибхонаҳо ҳамроҳ мекунанд ва барои ин сарпаноҳи муваққатиашон ҳар моҳ аз 100 то 200 сомонӣ пардохт менамоянд.

Нархи иҷораи хона дар шаҳр бо дарназардошти теъдоди ҳуҷраҳо ва шароити маишии он аз 500 то 1500 сомониро ташкил медиҳад. Аммо суол ба миён меояд, ки оё соҳибони манзилҳои истиқоматӣ аз ин даромади муфти худ андоз месупоранд?

Аксар иҷоранишинон донишҷӯён ва кормандони ташкилотҳои буҷетӣ ҳастанд. Онҳо як моҳ заҳмат кашида, маошу идрорпулиашонро ҷамъ мекунанду ба дасти соҳибхонаҳо медиҳанд. Ҳамин тариқ иҷорагир дар сарватманд шудани иҷорадеҳ мусоидат мекунад.

Маълум аст, ки барои супурдани андоз бояд байни иҷорадеҳу иҷорагир шартнома баста шавад. Аммо соҳибхонаҳо ин амалро расмӣ намекунанд. Ба ҷои анҷоми ин амал оҳиста дар гӯши иҷорагир мегӯянд, ки ҳар кӣ дар ин боб пурсид, бигӯ «дар ин хона бепул зиндагӣ дорам ё хонаи хешу таборам аст».

Ба ин далел мебояд ба қонун ислоҳ даровард ва ё тағйирот ворид намуд. Якум ҳар нафаре (оилае) дар номи худ хонаи дуюму сеюм ва ғайра дорад, новобаста аз он ки дар он дигарон бо пардохти пул ё ройгон зиндагӣ мекунанд, ҳатман андозбандӣ шаванд ё аз онҳо боҷ ба андозаи 1 нишондиҳанда биситонанд. Ба ин хотир, феҳристи ягона соҳибони манзилҳои истиқоматӣ тартиб дода, дар ин самт байни мақомоти андоз ва корхонаҳои бақайдгирии молу мулки ғайриманқули шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳамкорӣ зич сурат гирад.

Тибқи маълумоти корхонаи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар шаҳри Бохтар ҳудуди 12 ҳазор манзили истиқоматӣ дар биноҳои ошёнадор ва беш аз 6 ҳазор манзили истиқоматии ҳавлидор мавҷуд аст.

> **Мақомоти андоз мегӯяд, дар шаҳр 450 иншоот бо мақсадҳои гуногун дар иҷора буда, аз ин ҳисоб тахмин 200 адади онро манзилҳои истиқоматӣ ташкил медиҳанд. Дар як нусхаи шартномае, ки байни иҷорадеҳу иҷорагир тартиб ёфта, дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудааст, нархи иҷораро 300 сомонӣ нишон додаанд, ки бо чунин арзиш аз шаҳри Бохтар хонаи иҷора пайдо кардан номумкин аст.**

Таҳлилҳо нишон доданд, ки аз 15 то 20 фоизи манзилҳои истиқоматӣ дар биноҳои ошёнадор ба иҷора дода шудаанд. Сайругашти шабонаи мо дар вақти фаъоли шаб (соатҳои 18 то 22) нишон дод, ки чароғҳои 10 дарсади хонаҳо хомӯш буданд. Ин ба он маъно аст, ки соҳибони ин хонаҳо афроди ба истилоҳ «пулмаст» ҳастанд, ки ин хонаҳоро барои «рӯзи мабодо» харидаанд ва ба иҷорапулии он ниёз ҳам надоранд.

Ба ин далел давлат бояд аз хонаҳое, ки дар он соҳибаш ё иҷоранишине зиндагӣ намекунад, (барои бекористӣ) андоз ё боҷи бештар (2 нишондиҳанда) бигирад. Дар он сурат соҳибмулк ночор манзили истиқоматиашро бо нархи дастрас ба иҷора дода, пеш аз ҳама, худи ӯ фоида мегирад, баъд давлат ва ниҳоят сокинон сарпаноҳи муваққатӣ пайдо мекунанд. Зеро хона сарпаноҳи инсон аз барфу борон ва макони ғаму шодии ӯ аст ва ин «обеъкт» набояд чун «пасандоз»-и кадом як сармоядор бошаду садҳо шаҳрванд дар «кӯча» монанд.

Бигзор давлат фурӯши ғайримаҳсулотии тиллоро ба роҳ монад то шахсони пулдор онро харида, бехатарии моликияташонро таъмин кунанд. Тилло ҳеҷ вақт бекадр намешавад-ку? Чунин бархӯрд бо одамони доро боис мешавад, ки нархи хона поин биравад ва қишри миёнаҳол соҳиби хона шуда, нафаси озод бикашанд ва аз адолати иҷтимоӣ шукргузорӣ кунанд.

Агар тахмин кунем, ки дар шаҳри Бохтар 4 ҳазор хона дар иҷора бошад ва ҳар соҳибмулк ба ҳисоби миёна 80 сомонӣ андоз ё боҷ супорад, он вақт ҳар моҳ ба буҷаи давлат 320 ҳазор ва дар як сол қариб 4 миллион (3 милииону 840 ҳазор) сомонӣ ворид мешавад. Мана сарчашмаи андозбандӣ ва роҳи ғанӣ кардани буҷа. Бо ин маблағ ҳар сол 1 мактаб ё кӯдакистоне сохтан мумкин аст. Аммо бо пурзӯр шудани назорат аз болои раванди пардохти чунин навъ андоз маълум аст, ки нархи иҷора боло меравад, яъне боз хор ба пои камбағал мехалад. Дигар чӣ илоҷ? Бе ин ҳам иҷорагир дар азоб аст. Дар ҳар маврид, ба андешаи мо, бояд мақомоти давлатӣ ин сарчашмаи андозро нодида нагирад.

**Суҳроби РУСТАМ**
**шаҳри Бохтар**

# НАТИҶАҲОИ НАЗАРРАС

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод иҷрои воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳоро дар соли 2018 ба андозаи 101,5 фоиз иҷро намуданд. Ба ҷойи 10 млн. 556 ҳазору 712 сомонии пешбинишуда ба буҷети ҷумҳурӣ 10 млн. 712 ҳазору 631 сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбати нақша 155 ҳазору 919 сомонӣ зиёд мебошад.**



Сармутахассиси бахши ситонидани андозҳои Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод Эмомалӣ Саидов зикр кард, ки кормандони мақомоти андози ноҳия дар 12 моҳи сипаришуда аз иҷрои нақшаи ҳамаи намудҳои андозҳо баромада, дар ин давра як қатор корҳои муайянеро ба сомон расониданд. Аз ҷумла, дар ин давра миёни андозсупорандагон ва соҳибкорон ҷиҳати сари вақт супоридани маблаҒи андозҳо аз тарафи мутахассисони нозирот 12 маротиба семинар-машварат, вохӯрию суҳбатҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шудааст, ки дар он 766 нафар андозсупоранда ширкати фаъолона намуданд.

Э. Саидов ҳамчунин, қайд кард, ки феълан дар ҳудуди ноҳияи Муъминобод ба таърихи 31.12.2018 шумораи 5 ҳазору 161 нафар андозсупоранда дар қайд мебошанд, ки аз ин 445 нафар шахси ҳуқуқӣ, 294 нафар соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда, 106 нафар соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 4 ҳазору 322 адад хоҷагии деҳқонӣ амал мекунанд.

Кормандони нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод дар 12 моҳи соли 2018 ҷиҳати ошкор намудани маблағҳои пинҳонӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ва соҳибкорони инфиродӣ як қатор корҳои назоратӣ ва санҷишҳои амалиётиро низ хуб ба роҳ монданд. Аз ҷумла, дар ин давра дар фаъолияти 29 нафар андозсупоранда, соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқӣ назорати камералӣ гузарониданд, ки дар натиҷа 149 ҳазору 454 сомонӣ маблағҳои пинҳоншуда ошкор шуд ва онҳо пурра ба буҷети ҷумҳурӣ ворид гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Шавкат Мирзиёев: все налоговые льготы постепенно отменим

Президент Узбекистана в ежегодном послании парламенту рассказал о налоговой концепции.



Президент Узбекистана в ежегодном послании парламенту рассказал о налоговой концепции. Люди должны быть заинтересованы в своевременной уплате налогов.

«Мы будем жестоко наказывать тех, кто работает на черном рынке. В будущем все будут работать на равных условиях. Для какой-то фирмы или организации не будет налоговых льгот. Все налоговые льготы постепенно отменим», — сказал Шавкат Мирзиёев.

Напомним, 22 декабря 2017 года президент впервые в истории страны представил послание Олий Мажлису.

В послании этого года анализируется работа, осуществленная в завершающемся году, излагаются планы на следующий год, основные направления внутренней и внешней политики страны.

**https://news.mail.ru/economics/35822224/**

## САМАРАИ ХУБИ ФАЪОЛИЯТ

**Дар ёздаҳ моҳи соли 2018 аз ҷониби Нозироти андози шаҳри Бохтар ба андозсупорандаҳои қарздор ба маблағи 7 миллиону 946,4 ҳазор сомонӣ 445 огоҳинома ирсол гардидааст ва аз ин ҳисоб 6 миллиону 523,9 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шудааст, ки 82,1%-и маблағи огоҳиномаро ташкил медиҳад.**

Тибқи иттилои манбаъ, аз тарафи нозироти мазкур оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андоз ба маблағи 5 миллиону 998,7 ҳазор 166 қарор сомонӣ қабул гардидаасту аз ин ҳисоб ба буҷет 4 миллиону 384,7 ҳазор сомонӣ ворид шуд.

Сардори Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар А. Неъматзода дар самти қонунвайронкунӣ изҳор дошт, ки давоми соли 2018 барои вайрон намудани қонунгузории андоз нисбати 456 ҳуқуқвайронкунанда парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, ба буҷет 246,2 ҳазор сомонӣ ворид гардид.

Кормандони нозироти андоз ҷиҳати беҳтар кардани маъмурикунонии андоз ва сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, бештар намудани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, кам кардани бақияи қарзи андозҳо, беҳтар намудани сифати корҳои назоратӣ, ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва дар ҳамин замина, таъмини сифатноки иҷрои нақшаҳои пешбинишуда чораҳои иловагӣ андешида истодаанд.

С. РУСТАМ

# МАҚСАД – КОҲИШ ДОДАНИ БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗ

**Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 1555 с\х бо мақсади расонидани кӯмаки амалӣ дар таъмини иҷрои нақшаи қисми даромадаи буҷет, кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор, татбиқи чораҳои рӯёнидани қарзи андозҳо, инчунин, мавриди санҷиш қарор додани ҳолати иҷрои қарорҳо Гурӯҳи корӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ сафарбар гардид.**



Тибқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 1 ноябри соли 2018 бақияи қарзи андозҳо дар Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба 2893,1 ҳазор сомонӣ расидааст. Тавре ки аз нишондиҳандаҳо бармеояд, нисбат ба аввали соли 2018-ум 302,1 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст.

Тибқи гуфтаи сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокир Қурбонов шумораи андозсупорандагони қарздор ба санаи 1 ноябри соли 2018 дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба 561 адад мерасад. Аз ин миқдор 440 ададро шахсони ҳуқуқӣ, 121 ададро соҳибкорони инфиродӣ ташкил медиҳанд, ки нисбат ба аввали сол 22 адад зиёд мебошад. Ҳамзамон, дар ин давра аз шумораи андозсупорандагони қарздор 28 адад шахси ҳуқуқӣ кам гардида, ба рӯйхат 50 соҳибкори инфиродии қарздор зам шудааст. Инчунин, тавре муайян шуд, аз шумораи андозсупорандагони қарздор 194 нафараш қарздороне буданд, ки ҳаҷми қарзашон ба 1,0 ҳазор сомонӣ мерасад. Аз ин рӯ, нисбати онҳо бидуни татбиқи чораҳои рӯёнидани маблағи қарз, бо роҳи корҳои фаҳмондадиҳӣ бақияи қарзи андозҳояшон вориди буҷет гардонида шуд.

Зикр бояд кард, ки аз маблағи умумии қарзи андозҳо 302,1 ҳазор сомониаш аз фоизу ҷаримаҳои иловагӣ ҳисобшуда пайдо гардидааст. 283,7 ҳазор сомонии дигар дар натиҷаи корҳои назорати (санҷиши ҳуҷҷати маҷмӯии андоз) ба вуҷуд омадааст, ки дар умум 9,8 фоизи қарзро маблағҳои мазкур ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, тибқи маълумот 438,7 ҳазор сомонии бақияи қарзи андозҳо ба 6 адад ҷамъият: ҶДММ "Барқи асри 21", ҶДММ "Баҳор 4", ҶДММ "Маркази тадқиқоти Барномасозӣ", ҶДММ "АЙ БИ ТИ ЛТД", ҶСП "Хадамоти таъмиру сохтмонӣ" ва ҶДММ "БМҶ АУДИТ" рост меояд.

Аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз бо мақсади кам намудани бақияпулиҳои андоз ва андешидани чораҳо дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, дар 11 моҳи соли 2018 нисбати 112 андозсупорандаи қарздор дар бораи маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи умумии 1,9 миллион сомонӣ 81 қарор қабул шудааст. Аз ин ҳисоб ба буҷет 1,2 миллион сомонӣ ворид гардидааст, ки 63,1 фоизи маблағи умумии қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад.

**Дар баробари ин, аз ҳисоби 17 қарори иҷронашудаи соли 2017, ки маблағи умумиаш ба 1,6 миллион сомонӣ баробар буд, иҷрои 5 адади он таъмин гардиду халос. Гуфта мешавад, ки аз ин ҳисоб дар соли 2017 маблағи 407,0 ҳазор сомонӣ ва дар 11 моҳи сипаригардидаи соли 2018 132,2 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шуд.**

Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияташ нисбати 7 адад андозсупорандаи қарздор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастури методӣ "Дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо" маводи заруриро барои қабули қарори мазкур ба Кумитаи андоз ирсол намуд. Дар натиҷа, нисбати 6 адад андозсупоранда ба маблағи 162,1 ҳазор сомонӣ қарорҳо қабул гардид, ки мавриди иҷро қарор дода шуд.

Тавре ки Зокир Қурбонов қайд намуд, вазъи иҷрои қарорҳо дар ин самт чандон хуб нест. Дар ин давра ҳарчанд нисбати як қатор андозсупорандаҳои қарздор оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо қарорҳо қабул гардидаанд, аммо иҷрои онҳо пурра таъмин нашудаанд. Танҳо аз ҳисоби қарорҳое, ки дар давраи сафари Гурӯҳи корӣ қабул гардидааст, маблағи 87,2 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин шудааст.

Бояд қайд кард, ки Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ, дар якҷоягӣ бо Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, тариқи чораҳои рӯёнидани маблағи қарзи андозҳо, инчунин, гирифтани баёнот, уҳдадорӣ ва дигар чораҳои таъсиррасон, маблағи 468,8 ҳазор сомониро ба буҷет ворид намуданд. Аз ҷумла, аз ҳисоби МДТ "ЛКТНА шаҳри Душанбе" маблағи 37,4 ҳазор сомонӣ, КВД "Маркази ҷавонон" 29,4 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Аржанд" 12 ҳазор сомонӣ, ҶСК "Комплекси сайёҳии Варзоб" 56,2 ҳазор сомонӣ, ҶСК "Ташхиси геологӣ" 25,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Осиё Стандарт" 63,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Корвонсарой" 10 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Сомон интернейшнл" 13,5 ҳазор сомонӣ, инчунин, аз соҳибкорони инфиродӣ Набиҷон Ашуров 12,3 азор сомонӣ, Иномбек Раҷабов 21,6 ҳазор сомонӣ ва Илҳом Ҷамолов (бе дарназардошти маблағи андозҳои ҷорӣ) рӯёнида шуд.

Яке аз чораҳои таъсиррасон ва ибтидоии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, тибқи талаботи қисми 3-и моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ирсоли огоҳиномаҳо ба андозсупорандаҳои қарздор оид ба пардохти қарзи андоз мебошад. Вале, ҳарчанд таҳияи огоҳиномаҳо ба воситаи барномаи компютерии «Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо» роҳандозӣ шудаю фаъолияти мақомоти андоз дар ин самт осонтар гардидааст, боз ҳам, тавре мушоҳида мешавад, аз ҷониби кормандони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон талаботи Кодекси андоз ва «Дастури методӣ дар бораи татбиқи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо» оид ба пешниҳоди огоҳинома ба андозсупоранда хуб риоя намегардад. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ ба суроғаи 71 андозсупорандаи қарздор огоҳинома фиристод, ки маблағи умумии он ба 659,8 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Дар ин давра, аз ин ҳисоб танҳо 266,5 ҳазор сомонӣ вориди буҷет гардидааст.

Тавре ки сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳо иброз дошт, Гурӯҳи корӣ дар давраи сафари кории худ барои сари вақт пардохт накардани маблағи андози иҷтимоӣ ва инчунин, иҷро накардани талаботи қонунгузорӣ, яъне пардохт накардани саривақтии бақияпулиҳои андоз, дар асоси моддаҳои 600 ва 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 14 адад андозсупоранда ҷаримаҳои маъмурӣ тартиб дод. Нисбати 3 адад андозсупоранда тибқи моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунӣ ба маблағи 13 ҳазор сомонӣ татбиқ гардид, ки 2,5 ҳазор сомонии он дар ин давра ба буҷет таъмин шудааст. Ҳамзамон, бо мусоидати Гурӯҳи корӣ бо 385 андозсупоранда санади муқоисавӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа аз бақияи қарзи андозҳо ба маблағи 217,8 ҳазор сомонӣ ва изофапулиҳо маблағи 20,1 ҳазор сомонӣ кам гардид.

Ҳамин тавр, Гурӯҳи корӣ дар натиҷаи андешидани чораҳои зарурӣ аз ҳисоби бақияпулиҳои андоз, дар маҷмӯъ, ба буҷет 822,5 ҳазор сомонӣ ворид намуд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW. ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.11.2018, №1650 с/х, бо мақсади назорат ва иҷрои зербанди 6 банди 14 қарори Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.10.2018, №27 ва гузориши Раёсати ташкили андозбандӣ аз 29.10.2018, №4140 ҷиҳати бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани иҷорадиҳандагони объектҳои молу мулки ғайриманқул, иҷораи қитъаҳои замини таъиноти кишоварзидошта, инчунин, дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо аз ин ҳисоб Гурӯҳи корӣ аз 15.11.2018 то 04.12.2018 ба Нозироти андоз дар ноҳияи Кӯшониён сафарбар гардид.

# ИҶОРАДИҲАНДАҲОИ БЕҚАЙД

Гурӯҳи корӣ пеш аз ҳама, бо иштироки шахсони масъули ҷамоатҳои деҳот ва шаҳраки ҳудуди ноҳияи Кушониён ва заминистифодабарандагон доир ба моҳият ва тартиби андозбандии иҷораи қитъаҳои замин ва моҳияти қонунгузории соҳавӣ доир ба пешбурди феҳристи ягонаи заминистифодабарандагон ва иҷораи замин семинар –машварат ва вохуриҳо доир намуд. Баъзан фаъолияти 31 адад соҳибмулкони нуқтаи савдо ва хизматрасониро, ки объектҳои молу мулки худро ба субъектҳои алоҳида ба иҷора додаанд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, дар фаъолияти онҳо ҷамъ ба маблағи 113,7 ҳазорсомонӣ кам ҳисоб намудани маблағи андозҳо ошкор кард. Дар ин хусус эъломияҳои иловагии андоз гирифта шуда, маблағи андозҳои ошкоршуда пурра ба ҳисобварақаи андозсупорандагон барқарор гардида пардохти 45, 5 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин шуд.

Ҳангоми амалӣ намудани назорати андозӣ 27 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз аз тарафи шахсони воқеӣ ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул ошкор гардида, онҳо ҳамчун иҷорадиҳанда дар мақомоти андоз расман ба қайд гирифта шуданд, ки маблағи моҳонаи иҷорапулии онҳо 11,6 ҳазор сомонӣ ва дар як сол ба 139,2 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Инчунин, дар фаъолияти ин шахсон барои давраи беқайд дар мақомоти андоз фаъолият намуданашон дар фаъолияти соҳибмулкон ба андозаи 10,0 ҳазор сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб ва пардохт гардид.

Ҳамзамон, бо мақсади ба андозбандӣ ҷалб намудани замин истифодабарандагон ва дарёфти ҳолати ба иҷора додани молу мулк дар 12 ҳолат муайян шуд, ки шахсони воқеӣ заминҳои таъиноти кишоварзиро ба иҷора гирифта дар он бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд. 12 адад шахсони воқеие, ки бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти кишоварзӣ машғул буданд, дар натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ ҳамчун андозсупоранда дар мақомоти андоз ба қайди давлатӣ гирифта шуда, бо шаҳодатномаҳои соҳибкорӣ таъмин гардиданд ва дар фаъолияти онҳо аз ҳисоби даромадҳои аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба дастовардашуда ва кормандони дар қитъаҳои замин фаъолияткунанда, ҷамъ ба маблағи 17372,0 сомонӣ андозҳо ба таври иловагӣ ҳисоб карда шуда, баъд аз пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз ба ҳисобварақаҳои андозсупорандагон барқарор карда шуд.

**Ҳамчунин, нисбати 7 нафар шахси воқеӣ-иҷорадиҳандагони молу мулк ва барои дар мӯҳлати муқаррargardida пешниҳод накардани эъломияи андоз аз даромад аз шахсони воқеӣ дар доираи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъ ба маблағи 6,0 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ таъин гардида, эъломияҳои андозии онҳо дар нозироти андоз барқарор шуд.**

Ин буд, ки Гурӯҳи корӣ бо мақсади ба қайд гирифтани қитъаҳои замини таъиноти кишоварзидошта дар доираи талаботи қонунгузории замин ва Кодекси андоз бо як қатор субъектҳои хоҷагидор ва намояндагони ҷамоатҳои деҳот ва шаҳрак корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, моҳияти қонунгузории андозро ба онҳо шарҳ дод.



Дар натиҷаи амалӣ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ Гурӯҳи корӣ дар рафти фаъолият 12 ҳолати аз ҷониби шахсони воқеӣ ба иҷора гирифтани қитъаҳои замини таъиноти кишоварзидошта ошкор намуд. Муайян шуд, ки шахсони воқеии мазкур бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд. Аз ҷумла, Филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон илова ба фаъолияташ таҷрибавии худ қитъаҳои заминҳои корами обии худро дар масоҳати 7,0 га тибқи шартномаҳои иҷора дар як сол ба маблағи 17,3 ҳазор сомонӣ ба шахсони алоҳидаи воқеӣ ба иҷора додааст. Гарчанде аз ин ҳисоб андозҳои худро ба буҷет ҳисоб ва пардохт намуда бошад ҳам, вале иҷоракорони он ҳамчун андозсупоранда дар қайди мақомоти андоз ба ҳисоб намераванд.

Бо Филиали Институти зироаткорӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда, дар натиҷаи дар фаъолияти ин иҷорагирон барои давраи соли 2018 ба маблағи 3,4 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб шуда, дар рафти фаъолият пардохти он ба буҷет таъмин гардид. Ғайр аз ин, дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ 9 адад шахсони воқеӣ - иҷоракорон ҳамчун андозсупоранда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуданд.

Мисоли дигар, дар рафти гузаронидани корҳои назоратӣ аз ҷониби гуруҳи корӣ муайян карда шуд, ки Кооперативи тиҷоратии “Крупская” дар асоси шартномаи иҷора 7,0 га қитъаи замини худро барои солҳои 2017 – 2018 ба шаҳрванд Носиров М. ба маблағи 21,0 ҳазор сомонӣ ба иҷора додааст, аммо аз ин ҳисоб дар эъломияҳои андозӣ даромади худро нишон надодааст. Дар натиҷа, аз маблағи мазкур дар фаъолияти кооперативи мазкур ба маблағи 1260,0 сомонӣ андози низоми содакардашуда ҳисоб гардид. Ҳамзамон, дар фаъолияти шаҳрванд Носиров М. барои давраи фаъолияташ ба маблағи 3,1 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб шуд. Ҷиҳати бақайдгирӣ ба сифати андозсупоранда бо номбурда корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд ва дар айни замон ҳуҷҷатҳои бақайдгирии он дар баррасии бахши бақайдгирӣ қарор дорад.

Ҳамин тариқ, дар рафти назорат дар фаъолияти иҷоракорони қитъаи замин барои давраи фаъолияташон ҷамъ ба маблағи 17372,0 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб гардида, дар рафти фаъолияти пардохти он ба буҷет таъмин ва ҳамзамон онҳо ҳамчун андозсупоранда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуданд.

**Мутобиқи маълумот ба ҳолати 01.11.2018 дар Нозироти андози ноҳияи Кушониён 151 нафар шахси воқеӣ ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулки ғайриманқул ба қайд гирифта шудааст, ки масоҳати молу мулки ба иҷорадодашуда 3892 м2-ро ташкил мекунад. Маблағи даромади умумии ин андозсупорандагон дар 10 моҳи соли ҷорӣ 805,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки маблағи иҷорапулӣ аз ҳисоби миёна барои як метри мураббаъ ба як иҷорадиҳанда аз ҳисоби ҳамаи объектҳои ба иҷорадодашуда 20,7 сомонӣ рост меояд.**

Дар рафти фаъолияти Гурӯҳи корӣ муайян шуд, ки парвандаҳои шахсони воқеӣ, ки ба иҷорадиҳии молу мулки ғайриманқул машғуланд, дар шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеӣ дар нозироти андоз мавҷуд буда, то давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони молу мулк маълумоти 113 нафар ё худ 78,5 фоизи онҳо ба махзани маълумот дохил шуда, рафти дохилкунии эъломияҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандагон бошанд, дар ин давра 59 адад ё 52,9 фоизро ташкил медод.

Бо таъсири Гурӯҳи корӣ дар ин давра парвандаҳои ҳуқуқии 38 адад ва ҳамзамон эъломияҳои андоз аз даромади 9 адад иҷорадиҳандашахсони воқеие, ки бо ҷамбасти соли 2017 эъломияҳои худро пешниҳод накарда буданд, ба барномаи компютерӣ ворид карда шуданд.

Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияташ дар якҷояги бо кормандони Нозироти андоз дар кӯчаю маҳаллаҳо корҳои назоратӣ ва профилактикӣ анҷом дода, дар натиҷа 27 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти иҷорадиҳии молу мулки ғайриманқул машғул гардидани шахсони воқеиро ошкор намуд. Ҳамаи онҳо дар Нозироти андоз ҳамчун иҷорадеҳ ба қайд гирифта шуданд.

Вобаста ба ин, кормандони нозироти андозро зарур аст, ки корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро миёни андозсупорандаҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

# ДУРНАМОИ АНДОЗ БОСИФАТ ИҶРО ШАВАД

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ҷаласа доир гардид, ки дар он масъалаи фаъолияти соҳаи андоз баррасӣ гардид. Дар ҷаласа раиси шаҳри Бохтар Абдуалим Исмоилзода оид ба кори нозироти андоз ва иҷрои нақша сухан ронд ва аз масъулон пурсиш кард. Сипас, сардори нозироти андоз А. Неъматзода суханронӣ карда, дар бораи бурду бохти соҳа ибрози андеша намуд. Ӯ изҳор дошт, ки таъмини қисми даромади буҷет бо дарназардошти андози иҷтимоӣ дар 11 моҳи соли 2018 ба маблағи 146 миллиону 73 ҳазор сомонӣ (102%) таъмин гардид. Маблағҳои иловагии ошкор ва ба буҷет пардохтшуда дар соли 2018 аз ҳисоби бақияи қарз 6 миллиону 524 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби санҷишҳо 46,9 ҳазор сомонӣ, санҷишҳои амалиётӣ 74,6 ҳазор сомонӣ, хронометражӣ 554,3 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби назорати камералӣ 1 миллиону 888,5 ҳазор сомонӣ, дар маҷмӯъ, 9 миллиону 88,3 ҳазор сомонӣ мебошад.

Дар рафти ҷаласа, инчунин, мушкилоти соҳа ва камбудиву норасоиҳо мулоҳизаронӣ сурат гирифт. Ҳамзамон, бобати манбаъҳои нави андозбандӣ сухан рафт. Зикр шуд, ки аз тарафи гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда аз ҳисоби андозсупорандагони навбақайдгирифташуда 240 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби бақияпулии соҳибкорон 251 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби назорати камералӣ 92 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби санадҳои муоинаи хронометражӣ 121 ҳазор сомонӣ, дар маҷмӯъ, дар ҳаҷми 1 миллиону 64 ҳазор сомонӣ эҳтимолияти пардохти андозҳо аз манбаъҳои нав вуҷуд дорад.

Раиси шаҳри Бохтар Абдуалим Исмоилзода изҳор дошт, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр баҳри муҳайё намудани шароиту имкониятҳои корӣ, мусоидат дар ҳалли мушкилот, бартараф кардани камбудиву норасоиҳо ва кам кардани бақияпулиҳои андоз ҳамеша омода аст. Дар робита ба ин, дар давоми соли 2018 гурӯҳҳои кории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва кормандони нозироти андоз, дигар сохторҳои қудратӣ баҳри кам кардани бақияпулиҳои андоз чораҳои зарурӣ андешидаанд, ки ин натиҷаи мусбат дод. Дар соли 2019 низ ин ташаббус идома хоҳад ёфт .

**С. РУСТАМ**

# ЧАРО МАСЪУЛОНИ ФИЛИАЛИ «АМОНАТБОНК» ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА СОЛИ 2018 БА ЯГОН ҲУНАРМАНД ҚАРЗИ ИМТИЁЗНОК НАДОДААНД?



**Соли 2018 Нозироти андози шаҳри Турсунзода тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 44 нафар ҳунармандон, аз қабили дӯзанда, бофанда, рассом, адрасбоф, кандакор, дуредгар, гулдӯз ва кулолгаронро аз пардохти андоз озод намуд.**

Сардори Нозироти андози шаҳри Турсунзода Дилшод Ҳакимзода мегӯяд, ки «бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 атласбофию адрасбофӣ, қолинбофӣ, намадмолӣ, ҷӯроббофӣ, гулдӯзӣ, тоқидӯзӣ, ҷомадӯзӣ, попурзанӣ, дар маҷмӯъ 104 номгӯй касб аз пардохти андоз озод шуданд.

Тибқи ин қарор ҳунармандон аз гирифтани патент ва ё шаҳодатномаи соҳибкорӣ озод мебошанд. Дар ин асос 104 номгӯй ҳунарҳои миллиро, ки аз пардохти андоз озод мебошанд, барои огоҳ гардидани сокинони шаҳр дар назди бинои Нозироти андоз насб намудем. Соли 2018 ин иқдоми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри рушди ҳунарҳои мардумӣ ва пешрафти соҳаи сайёҳӣ такони бузург бахшид. Дар оянда ҳунармандон аз ин имконияти истифода бурда, дар деҳот корхонаҳои хурд таъсис медиҳанд ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд менамоянд».

Мавриди зикр аст, ки соли 2018 бо дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади ҳавасманд гардонидани аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои мавриди ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор 24 нафар, Шаҳринав 4 нафар, Ваҳдат 4 нафар, Рашт 11 нафар ҳунармандон аз пардохти андоз озод гардиданд.

Ҳамчунин, барои рушди ҳунарҳои миллӣ ва таъсиси коргоҳҳои дӯзандагию кулолгарӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз тарафи Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Ҳисор ба 13 нафар ҳунарманд 77 184 сомонӣ, дар ноҳияи Шаҳринав ба 27 нафар сад ҳазор сомонӣ ва дар шаҳри Ваҳдат ба маблағи 65 ҳазор сомонӣ ба ҳунармандон қарзҳои имтиёзнок дода шуданд. Ин маблағҳо барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди ин соҳа мусоидат менамоянд.

Вале новобаста ба додани қарзҳои имтиёзнок ба ҳунармандон, ки он бо супориши махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид, дар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз тарафи баъзе филиалҳои «Амонатбонк»-и ноҳияҳо хунукназарӣ ба мушоҳида мерасад.

Мисол, масъулини филиали Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Турсунзода соли 2018 ҳатто ба як ҳунарманд ҳам қарзи имтиёзнок надодаанд. Онҳо дар ин самт барои ҷалби ҳунармандон баҳри гирифтани қарзҳои имтиёзнок бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва воситаҳои ахбори маҳаллии шаҳр ҳамкорӣ накардаанд. Масъулини филиали бонки мазкур дар ин мавриди аз додани иттилоъ ба хабарнигори АМИТ «Ховар» худдорӣ намуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд. Дар ин давра дар ҳар як деҳа ва маҳали аҳолинишини мамлакат бунёду таъмири муассисаҳои таълимӣ, марказҳои саломатӣ бо таваллудхонаҳо, бунгоҳҳои тиббӣ, ҳаммомҳои замонавӣ, пулҳо ва роҳҳои дохилӣ, ташкили корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, дӯзандагиву ресандагӣ, косибӣ ва дар маҷмӯъ, рушди ҳунарҳои мардумӣ вусъат дода мешавад.

**Субҳониддини МАҲМУД,**
**АМИТ «Ховар»**

# ДАСТОВАРДҲОИ МЕҲНАТӢ

**Кормандони Нозироти андози шаҳри Бӯстон соли 2018-ро бо натиҷаҳои беҳтарину назаррас ҷамъбаст намуданд. Дар ин бобат сардори Нозироти андоз дар шаҳри Бӯстон Примқул Муминов чунин гуфт:**

- Кормандони Нозироти андози шаҳри Бӯстон дар заминаи иҷрои амалии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин дастовардҳо ноил гардиданд. - Дар ҷамъбасти соли 2018 Нозироти андози шаҳри Бӯстон бо якҷоягии ШНАК ва ШНАМ нақшаи қисми даромади буҷети давлатиро бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 111%, таъмин намуд. Ба буҷети давлатӣ 99 миллиону 865,2 ҳазор сомонӣ маблағ ворид шуд, ки аз нақша 10 миллиону 895,2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Иҷроиши нақшаи андозҳо (бе дарназардошти андози иҷтимоӣ) дар Нозироти андози шаҳри Бӯстон 114,3%-ро ташкил дода, ба буҷети давлатӣ 33 миллиону 960, 1 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардид.

Мувофиқи маълумот ҳоло дар нозироти андози шаҳр 335 корхонаю ташкилот ба қайд гирифта шудаанд. Аз 59 адад корхонаю ташкилотҳои давлатӣ 41 адад корхонаи буҷавӣ ва 18 адад корхонаву ташкилотҳои худмаблағгузор мебошанд. Аз шумораи умумӣ 186 ҷамъияти масъулияташон маҳдуд дар қайд ҳастанд. Ҳамчунин, 362 нафар соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 1693 нафар соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудаанд. Теъдоди соҳибкорони дар асоси патент фаъолияткунанда нисбати соли 2017 –ум 38 нафар зиёд шудааст. Давоми соли ансомёфта 15 адад корхона ва 485 нафар соҳибкор ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.



Дар давраи мазкур аз тарафи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 2855,9 ҳазор сомонӣ андозҳо ҳисоб шудааст, ки нисбати соли гузашта 500 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда соли 2018 ба буҷети давлатӣ зиёда аз 4697,2 ҳазор сомонӣ андозҳо ворид гардидааст.

Маблағи қарзи умумии андозҳо низ нисбат ба аввали сол дар Нозироти андози шаҳри Бӯстон ба андозаи 1143,0 ҳазор сомонӣ кам шудааст. Ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки андозҳои ҳисобшударо сари вақт ба буҷет пардохт накардаанд, ё ин ки дар санадҳои ҳисоботӣ қарзи андоз доранд, дар маҷмӯъ, 244 адад огоҳинома ирсол шуда, аз ин ҳисоб 2 миллиону 445,7 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андоз пардохт гардидааст.

Соли 2018 барои таъмин кардани андозсупорандагон бо мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шуд. Дар натиҷа 36 адад андозсупоранда бо мошини назоратӣ-хазинавӣ таъмин шуданд, ки 100,1%-ро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, барои вайрон кардани тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ нисбати 33 андозсупоранда истеҳсолоти маъмурӣ тартиб дода, онҳо ба маблағи 84,0 ҳазор сомонӣ ҷарима карда шуданд.

Бино ба гуфти муовини сардор-сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андози шаҳри Бӯстон Зарина Раҳмонова соли 2018 баҳри корҳои тавзеҳотӣ ва фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон пайваста семинар-машваратҳо гузаронида шуданд. Дар асоси дастуру супоришҳои Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Нозироти андози шаҳри Бӯстон дар самти баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон дар соли 2019 корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳиро боз ҳам тақвият бахшиданист.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Microsoft включит НДС в счета клиентов в России

### Корпорация предупредила партнеров об изменениях в налогообложении




Один из партнеров Microsoft сообщил, что корпорация предупредила контрагентов, что «с 1 января введет НДС на ряд продуктов», пишет газета «Коммерсантъ».

Собеседник издания отметил, что у компании есть несколько категорий продуктов, в частности, лицензии, которые по законодательству НДС не облагаются, а также сервисные продукты, на которые уплачивается НДС в размере 18%. «Теперь рассматривается вероятность того, что компания будет реализовывать некоторые продукты не как лицензии, а как цифровые сервисы, которые также должны облагаться НДС», — заявил он.

В этой ситуации цена может быть повышена на размер НДС, который с 1 января составит 20%, подчеркнул источник. Также корпорации придется перезаключать договоры со своими партнерами, иначе могут возникнуть сложности с отгрузками, полагает он.

В компании Treolan (один из официальных дистрибуторов Microsoft) подтвердили, что Microsoft информировал компанию о налоговых изменениях.

В пресс-службе Microsoft сообщили, что с 1 января 2019 г. компания «будет включать НДС в счета».

Напомним, что в августе этого года президент России Владими Путин подписал закон об увеличении НДС с 18% до 20%, который ранее был принят Госдумой и одобрен Советом Федерации.

http://taxpravo.ru/international

«Бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон, расонидани кӯмак барои таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо, бахусус, ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ, ки дар як вақт вазифаи маркази таълимии соҳибкоронро иҷро мекунанд, чораҳои зарурӣ андешад».

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# ВОСИТАИ МУҲИМИ

## ПЕШГИРИИ ҚОНУНВАЙРОНКУНИҲО

Мутобиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз рӯи тартиби содакардашуда андозбандӣ мешаванд. Дар ибтидо амал бо патент ҳамчун зинаи нахустини фаъолияти соҳибкорӣ маҳсуб меёбад, зеро шаҳрванд фаъолияти худро дар навбати аввал бо тартиби содатари андозбандӣ оғоз намуда, баъди ба даст овардани маблағи кофӣ ва андӯхтани таҷрибаи боиси соҳибкорӣ ба тартиби бо шаҳодатнома фаъолият намудан мегузарад. Дар он сурат тибқи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ соҳибкор ҳуқуқ пайдо менамояд, ки барои васеъ намудани доираи фаъолияти хеш коргари кироя гирад, фаъолияти иқтисодии хориҷиро амалӣ созад, ҳисоботи муҳосибиро пеш барад ва ба мақомоти андоз эъломия пешниҳод намояд.

Мутаассифона, ҳарчанд ки талаботи зерин пайваста ба соҳибкорон фаҳмонда мешавад, вале на дар ҳама ҷо талаботи қонунгузории андоз риоя мегардад. Ҳанӯз ҳам шахсоне ёфт мешаванд, ки талаботи қонунгузориро риоя накарда, бе қайди мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд.

Санҷиши амалиётие, ки тибқи Фармоиши сардори Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат дар кӯчаи Фирдавсии шаҳр бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2009 таҳти № 512 «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият мекунанд», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 маи соли 2013 таҳти № 210 «Дар бораи тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба андоз ва андозбандӣ гузаронида шуд қонунвайронкуниҳои зиёдеро дар фаъолияти соҳибкорону шахсони ҳуқуқӣ ошкор намуд.



**Гурӯҳи корӣ, ки дар асоси амрномаи сардори мақомоти ҳудудии андоз дар шаҳри Ваҳдат аз 10.10.2018 таҳти №07 фаъолияти 48 нафар соҳибкори тибқи патент фаъолиятдошта, 23 нафар соҳибкори дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, 29 нафар шахси ҳуқуқӣ, 46 нафар шахси воқеии объектҳои ғайриманқули худро ба иҷорадода, дар маҷмӯъ 146 нафар андозсупорандаро мавриди санҷиш қарор дод, ҳолатҳои зиёди қонунвайронкуниҳои андозро ошкор кард.**

Дар ҷараёни санҷиш муайян шуд, ки аз 46 нафар соҳибмулки молу мулки ғайриманқули худро ба иҷора дода 3 нафари онҳо амволи ғайриманқули ҳешро ба иҷора дода, аз ин хусус мақомоти андозро огоҳ накардаанд. 5 нафар андозсупоранда - шахсони шудааст. Дар натиҷа ба маблағи 9472 сомонӣ маблағҳои иловагии андози даромади шахсони воқеӣ ҳисоб карда шуда, 6020 сомонии он ба буҷа пардохт гардид.

Дар рафти санҷиш 8 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ошкор шуд ва нисбати вайронкунандагон бо дастрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 12000 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардид. Ҳамчунин, дар ҷараёни гузаронидани санҷиши амалиётӣ муқаррар шуд, ки соҳибкори инфиродӣ Вафо Имомов ухдадориҳои андозии худро дидаюдониста вайрон намуда, эъломияҳои андозро дар мӯҳлатҳои муқаррargардида ба мақомоти андоз пешниҳод накардааст, ки ин ба пардохт нашудани маблағи андозҳо мусоидат намудааст. Бо дарназардошти чунин қонунвайронкуниҳо аз ҷониби соҳибкор Вафо Имомов нисбати ӯ ҳисобот кам нишон дода, бо ин роҳ 2000 сомонӣ маблағи андозро пинҳон намудааст. Вале дар рафти санҷиш Гурӯҳи корӣ маблағи мазкурро пурра ба буҷа баргардонданд. Ҳамчунин, барои дағалона вайрон намудани қонуниятҳои андоз нисбати ӯ тибқи қисми 1 моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода, ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима таъин намуданд.

Санҷиш ҳамчунин нишон дод, ки соҳибкорон талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз моҳи майи соли 2013 таҳти № 210 «Дар бораи тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ» вайрон намуда, оид ба истифодаи дурусти МНХ ба мусоҳилакорӣ роҳ медиҳанд. Дар рафти санҷиш 10 ҳолати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бидуни истифодаи МНХ ба қайд гирифта шуд. Аз ҷумла чунин қонунвайронкуниҳо ҳангоми хизматрасониҳо дар фаъолияти воқеӣ барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи андоз аз даромад мутобиқи қисми 3 моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кадом ба маблағи 2500 сомонӣ ҷарима шуданд.

Санҷиши эъломияҳои андози ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи андозсупорандагон У. Муҳаммадиев, У. Саидов, И. Бадриддинов, Н. Набиев ва А. Ҳомидов собит намуд, ки дар 7 ҳолат маблағи андозбандишаванда ба андозаи 72862 сомонӣ дар эъломияҳо кам нишон дода бо дастрасии моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 1500 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардида, бақияи қарзи андоз ба маблағи 2385 сомонӣ руёнида, ба буҷа ворид шуд.

Роҳбари маркази савдо ва хизматрасонии «Вайсиддин», воқеъ дар кӯчаи ба номи Фирдавсии шаҳри Ваҳдат Вайсиддин Гулов бо мақсади пинҳон намудани маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ манбаъ ва меъёри андози номбурдаро дар ширкатҳои ҳуқуқии «Динора», «Дар-дар», «Фараҳнози Фирӯз» ва соҳибкорони инфиродӣ Д. Тағоев, Б. Каримов, А. Абдуллоев, Ш. Содиқов, М. Пирова, Ҳ. Шералиев ва Ф. Шукуров ошкор гардид. Гурӯҳи корӣ нисбати қонунвайронкунандагон бо дастрасии моддаҳои 614, 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи маъмурӣ тартиб дода, онҳоро ба маблағи 24500 сомонӣ ҷарима намуд.

Дар самти иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2009 таҳти № 512 «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» низ камбудиҳо ошкор гардиданд. 4 ҳолати ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод кардани маълумоти носаҳеҳ оид ба ташкили филиали шахси ҳуқуқӣ барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба маълумоти дар Феҳристи ягонаи давлатибуда аз ҷониби Гурӯҳи корӣ ошкор шуда, нисбати шахсони масъул мутобиқи талаботи моддаи 603(1) қисми 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколӣ маъмурӣ тартиб дода шуд.

Дар маҷмӯъ, Гурӯҳи кори фаъолияти 146 нафар соҳибкорро дар кучаи Фирдавсии шаҳри Ваҳдат мавриди тадқиқу омӯзиш қарор дода, нисбати 29 нафар андозсупоранда барои риоя накардани талаботи қонунгузории андоз ба маблағи 44750 сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ намуд, ки маблағи номбурда пурра ба буҷа ворид карда шуд. Ҳамчунин, дар рафти санҷиши амалиётӣ нисбати 4 нафар андозсупоранда ба маблағи 19107 сомонӣ маблағҳои иловагии андоз ҳисоб ва ба буҷа пардохт гардид. Тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ошкорсозии фаъолияти бидуни қайд дар мақомоти андоз 33 нафар шаҳрванд бо патент таъмин шуданд, ки маблағи он, дар маҷмӯъ, 3924 сомониро ташкил медиҳад. Дар рафти як санҷиши амалиётии андоз дар кӯчаи ба номи Фирдавсии шаҳри Ваҳдат ба буҷа ба маблағи 81120 сомонӣ маблағҳои иловагии андоз ворид гардида, пеши роҳи қонунвайронкуниҳоро гирифта шуд.

Мусаллам аст, ки гузаронидани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ ҳамеша самара меорад. Соҳибкорону андозсупорандагон тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ натанҳо бо талаботи қонунгузории андоз ошно мегарданду савияи донишҳои ҳуқуқии худро баланд мебардоранд, балки онҳо камбудиҳои дар фаъолияташон ҷойдоштаро дарк намуда, баҳри ислоҳаш камари ҳиммат мебанданд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА,**
**шаҳри Ваҳдат**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Великобритания повысит вдвое налог на пластиковые пакеты

До введения налога средний британец использовал 140 пакетов в год, после – 19

Власти Великобритании собираются удвоить сборы за пластиковые пакеты до 10 пенсов (8 руб.) в рамках мер по защите окружающей среды, пишет газета «Ведомости» со ссылкой на Bloomberg.

Налог на пластиковые пакеты Великобритания ввела в 2015 г. В данный момент он составляет 5 пенсов (4 руб.). До введения налога средний британец использовал 140 пакетов в год, после – 19. «Мы изъяли из обращения более 15 млрд пластиковых пакетов, но хотим сделать еще больше», – заявил министр окружающей среды Великобритании Майкла Гоува.




**http://taxpravo.ru/international**

## МНХ - ВОСИТАИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ДАРОМАДИ ВОҚЕӢ



**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Темурмалик дар соли 2018 ба масъалаи насбу истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ диққати аввалиндараҷа дода, марказҳои савдою хизматрасониро бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намуданд Қудратулло Пиров зикр кард, ки тибқи нақша дар 12 моҳ дар фаъолияти андозсупорандагони ноҳия бояд 24 адад МНХ насб карда мешуд.**

Дар ин давра мо тавонистем, ки нақшаро барзиёд иҷро намоем. Аз 24 адади нақшаи пешбинишуда дар фаъолияти андозсупорандагон 25 адад МНХ насб гардид. Дар ин давра ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ ва санҷишҳои амалиётӣ маълум гардид, ки кормандони Беморхонаи марказии ноҳия ҳангоми фаъолияти корӣ аз дафтари бақайгирӣ истифода намекарданд. Дар натиҷа, мақомоти андози ноҳия нисбати беморхонаи мазкур тибқи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, онро ҷарима кард. Ба ҳамин монанд, кормандони Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳияи Темурмалик ҳангоми фаъолияти корӣ аз дафтари бақайдгирӣ истифода намекарданд, ки нисбати ин муассиса тибқи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуд. Кормандони Беморхонаи саломатӣ ноҳия низ ҳангоми фаъолият аз МНХ-и дорои ТИЭ ба таври зарурӣ истифода намекарданд, ки дар натиҷа аз ҷониби мақомоти андози ноҳия тибқи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима гардид.

Феълан дар ноҳияи Темурмалик 367 нафар соҳибкори тибқи патент ва 94 нафар соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда амал мекунанд, ки дар рушду нумуи иқтисодиёти кишвар саҳми бориз доранд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, шаҳри Кӯлоб**

# ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ ШАФФОФ

Ҷорӣ намудани технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад. Бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандагон мақомоти андоз бештар аз технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ истифода карда, барои дар шакли электронӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо ҷораҳои иловагӣ андешида истодаанд.

Ин аст, ки ҳамаи хизматрасонии мақомоти андоз тариқи электронӣ давра ба давра ба роҳ монда шуда истодааст. Аз ҷумла, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам овардааст, ки андозсупорандагон ба мақомоти андоз ташриф наоварда, эъломияҳои андози худро ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд. Маълумоти пешниҳодгардида, дар доираи барномаҳои системаи итилоотии Кумитаи андоз коркард шуда, фаъолияти ҳар як андозсупоранда аз рӯи соҳаи фаъолият, бо дарназардошти критерияҳои муайянкунандаи хавфи андозҳо, баҳогузорӣ мешавад.

Ҳамчунин, бо мақсади беҳтар намудани назорат дар фаъолияти субъектҳое, ки ба воридот ва таҳвили минбаъдаи сӯзишворӣ машғуланд, таъмини фаъолияти шаффоф дар ин самт, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ ва талабот нисбат ба низоми компютерӣ оид ба хизматрасониҳои электронии онҳо" аз 01.03.2018, №82 қабул шудааст.

Гуфта мешавад, ки мақсади қоидаҳои мазкур аз таъмини фаъолияти шаффоф дар ҷараёни муомилоти маҳсулот, пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби субъектҳое, ки ба фурӯши сӯзишворӣ машғуланд, инчунин, хизматрасонии электронии пешниҳоди ҳисобот, ҷамъоварии маълумот ва таҳияи дурнамо иборат аст.

Тавре дар банди дуюми қарори мазкур таъкид шудааст, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ дар нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои захираҳои маҳсулоти нафту газ танҳо бо шарти таъмин шудани нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ бо таҷҳизоти (колонкаҳои) ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои давлатӣ бо мавҷуд будани низоми электронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ дар шакли "онлайн", ки тибқи барномаи аз тарафи субъекти интихобшуда дар мувофиқа бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, иҷозат дода мешавад.

Гузариш ба муомилоти яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ бо истифодаи низоми элетронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ барои субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо савдои яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ машғуланд, бояд аз 1 –уми июли соли 2018 амалӣ мешуд, аммо бо сабабҳои номаълум он амалӣ нагашт. Ин буд, ки мӯҳлати қарори мазкур ҷиҳати насби нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ бо таҷҳизоти дорои низоми электронии баҳисобгирии амалиёти нафту газ то 1-уми сентябри соли 2018 дароз карда шуд. Вале он ҳам ба таври назаррас амалӣ нагардид. Ин дар ҳолест, ки мақомоти андоз пайваста бо роҳи корҳои фаҳмондадиҳӣ муҳтавои қарори мазкурро ба самъи андозсупорандагон мерасонд.

Тавре сардори шуъбаи назорати фаврии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз Маҳмадсаид Давлатзода бо такя ба махзани маълумоти Кумитаи андоз қайд намуд, воридоти қочоқии маводи сӯхт дар самти фаъолияти нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ (НФС) нисбат ба дигар самти фаъолият бештар ба чашм мерасад. Аз ин рӯ, мақсади қоидаҳои мазкур таъмини фаъолияти шаффоф дар ҷараёни муомилоти маҳсулот, пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби субъектҳое, ки ба фурӯши сӯзишворӣ машғуланд, иборат аст.

## Ҳолати интиқоли маълумоти НФС-ҳо ба махзани маълумоти Кумитаи андоз




Ба гуфтаи ӯ, ҳанӯз чанд сол пеш ин таҷрибаро Ҷумҳурии Қирғизистон амалӣ карда, системаи баҳисобгирии электронии маҳсулоти нафтиро ҷорӣ намуда буд. Россия ва Озорбойҷон низ аз ин система истифода мекунанд ва пеш аз он ки Тоҷикистон ба ин система гузарад, таҷрибаи кишварҳои номбурдаро омӯхта, мавриди амал қарор додааст.

Тавре Маҳмадсаид Давлатзода иттилоъ дод, то имрӯз аз 1141 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ (НФС) танҳо 454 адади он бо барнома пайваст шуда, маълумоти онҳо ба махзани маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол меёбад. Ба гуфтаи ӯ насби ин система бояд он шубҳаҳоеро, ки дар рафти фаъолияти НФС-ҳо ба амал меояд, аз байн барад. Бояд адолати андозбандӣ нисбати фаъолияти пурраи соҳибкорӣ риоя шавад.

Ҳангоми қабули қарори мазкур Кумитаи андоз тасмим гирифта буд, ки корҳои назоратиро дар ин соҳа кам намояд, аммо тавре мушоҳида шуд, баъзе андозсупорандагон ба қонунвайронкуниҳо даст заданд, ки ин амал таъсири манфии худро ба қисми даромади буҷет расонд. Дар қисмати воридот, фурӯш ва бақияи маҳсулот фарқият дида мешавад ва фурӯши сӯзишворӣ нисбат ба воридот зиёд мебошад, ки эҳтимоли ҷой доштани сузишворӣ тариқи қочоқро нишон медиҳад. Мувофиқи таҳлили махзани маълумоти Кумитаи андоз камбудиҳое, ки қаблан дар ҷаласаҳо ва семинар-машваратҳои мақомоти андоз аз онҳо сухан рафта буд, баръакс рӯз аз рӯз такрор ёфта истодааст. Ин камбудиҳо, пеш аз ҳама, пурра ва дуруст нишон надодани даромади воқеӣ дар эъломияҳо, кам нишон додани шумораи коргарон ва фонди музди меҳнати онҳо, дуруст истифода накардани ҳисобнома-фактура зоҳир шудаанд.

Ба андешаи М. Давлатзода сабаби асосии сари вақт насб нашудани НФС бо барномаи автоматикунонии ҶДММ "Фароз-пардохт", пеш аз ҳама, ин ба талабот ҷавобгӯй набудани НФС ва фарсуда шудани колонкаҳои НФС ва монеъ шудани кормандони масъули НФС оид ба насб намудани колонкаҳо бо барномаи автоматикунонии ҶДММ "Фароз-пардохт" мебошад.

Тибқи қарори мазкур дар нуқтаи автоматикии пуркунандаи сӯзишворӣ бояд аломат бо зикри номи нуқта дар ҷои ба чашм аён, лавҳаҳои маълумот, нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо, телефонҳои бовари маъмурият ва иттилоот дар бораи маҳалли ҷойгиришавии нуқтаи мазкур гузошта шаванд. Инчунин, дар даромадгоҳи он лавҳа бо насаб ва номи оператор, навъҳои сӯзишворӣ ва нархи он бояд овехта шавад.

Ёдрас бояд шуд, ки ба сифати корманд дар нуқтаи автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулот танҳо шахсоне ба кор қабул карда мешаванд, ки синни онҳо ба 18 расидааст ва бояд бо либоси махсус фаъолият намуда, қоидаҳои бехатарии сӯхтор, экологӣ, саноатӣ, раванди фаъолияти дастгоҳҳо ва механизмҳои кории ҷудогонаи нуқтаи мазкурро донад ва қатъан риоя намояд.

Тибқи банди 5 қарори мазкур ҶДММ «Фароз-пардохт» ширкати дар амал татбиқкунанда ба ҳисоб меравад. Пеш аз он ки ин системаро ба кор андозанд, намояндагони ширкат НФС-ҳои кишварро аз нав ба ҳисоб гирифтанд. Маълум шуд, ки колонкаҳои баъзе НФС-ҳо барои насби ин система мувофиқ нестанд. Аз ин рӯ, ширкат ба хулосае омад, ки системаи умумии идоракуниро таъсис дода, ба колонкаҳое, ки дар онҳо имконияти насби системаи баҳисобгирии электронӣ мавҷуд нест, ба воситаи системаи умумиидоракунӣ насби он имконпазир гардад.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки барои насб ва мавриди истифода қарор додани барномаи мазкур саҳм гузоранд. Инчунин, кормандони мақомоти андоз вазифадоранд, бахри дуруст ва мутобиқ ба талаботи қонунгузорӣ ба роҳ мондани фаъолият, ислоҳ ва пешгирӣ намудани камбудиҳо дар фаъолияти нуқтаҳои фуруши сузишворӣ мусоидат намоянд ва дар якҷоягӣ бо ҶДММ "Фароз-пардохт барои дар амал татбиқ кардани қарори мазкур чораҷӯӣ намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

**Бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расонидани кӯмак дар таъмини иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет, кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор, татбиқи чораҳои маҷбуран рӯёнидани қарзи андозҳо, инчунин, мавриди санҷиш қарор додани ҳолати иҷрои қарорҳои дар ин самт қабулгардида Гурӯҳи корӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино сафарбар гардид.**

# НАТИҶАИ КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

Тавре ки сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокир Қурбонов қайд намуд, шумораи андозсупорандагони қарздор ба санаи 1 ноябри соли 2018 дар нозироти андози ноҳия 1002 ададро ташкил намудааст. Аз ин 525 адад ба шахсони ҳуқуқӣ ва 477 адади дигар ба соҳибкорони инфиродӣ рост меояд. Бояд қайд намуд, ки нисбат ба аввали соли 2018 бақияпулиҳои андозии шахсони ҳуқуқӣ 38 адад зиёд ва соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти худро тибқи шаҳодатнома ба роҳ мондаанд 103 нафар кам шудааст.



**Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ муайян кард, ки аз шумораи андозсупорандагони қарздор 437 ададашро андозсупорандагоне ташкил медиҳанд, ки маблағи қарзашон то ҳазор сомониро дарбар мегирад. Бо мақсади кам кардани шумораи андозсупорнадагони қарздор Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо нозирони мутасаддӣ ҷиҳати бартараф намуди бақияпулиҳои андоз чораҳои таъхирнопазир андешида, маблағи қарзи андозҳои 182 андозсупорандаро пурра рӯёниданд.**

Бо мақсади кам намудани бақияпулиҳои андоз ба андешидани чораҳои пешбиникардаи қонунгузории андоз дар самти рӯёнидани қарзи андозҳо, Нозироти андоз дар ноҳияи Сино дар 11 моҳи соли 2018 нисбати 93 андозсупорандаи қарздор доир ба маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи 4,2 миллион сомонӣ 113 қарор қабул кард. Тибқи иттилои Гурӯҳи корӣ аз ин ҳисоб ба буҷет 2,9 миллион сомонӣ ворид гардидааст, ки 70,1 фоизи маблағи умумии қарорҳои қабулгардидаро дарбар мегирад.

Дар баробари ин, аз ҳисоби 47 қароре, ки дар соли 2017 нисбати 47 адад андозсупоранда ба маблағи 3,9 миллион сомонӣ қабул гардидашудаю, аммо иҷрои онҳо дар соли 2018-ум низ идома дошт, як аз ин ҳисоб дар соли 2017 маблағи 467,4 ҳазор сомонӣ ва дар 11 моҳи соли 2018-ум 960,8 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардид. То ин муддат аз ҳисоби қарорҳои иҷронагардидаи соли 2017 ва қарорҳои дар 11 моҳи соли 2018 қабулгардида, дар маҷмӯъ, 2954,6 ҳазор сомонӣ вориди буҷет шудааст. Тавре ки Зокир Қурбонов қайд кард, то давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ дар ин нозирот воридоти андозҳо аз ҳисоби қарорҳо оид ба рӯёнидани мабалағи қарзи андозҳо 2697,7 ҳазор сомониро ташкил медод, ки 62,1 фоизи иҷрои қарорҳоро дарбар мегирифт. Гурӯҳи корӣ дар фаъолияти кории худ аз ҳисоби қарорҳо, дар маҷмӯъ, 273,3 ҳазор сомониро ба буҷет ворид кард. Танҳо аз ҳисоби қарорҳое, ки дар давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ қабул гардида буд, маблағи 63,4 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби қарорҳое, ки қаблан қабул шуда буданд, 209,9 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин шудааст.

Ҳамзамон, Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти корияш дар якҷоягӣ бо кормандони нозироти андоз дар ноҳияи Сино нисбати 112 андозсупорандаи қарздор тибқи татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, гирифтани баёнот, ухдадориҳои хаттӣ ва дигар чораҳои зарурӣ андешида, маблағи 1663,9 ҳазор сомониро ба буҷет рӯёниданд. Масалан, аз ҳисоби ҶДММ "Энерго сет праект" маблағи 45 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Газавик 1" 19,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Ориён" 13 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Зевар 2013" 55,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Фаровон" 10,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Сомон ком сервис" 16,7 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Тоҷик згем комплект" 30,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Мутахасси байналминал" 32,9 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Декор инвест" 15,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Корвон сарой" 18,7 ҳазор сомонӣ, ФКВД Суғурта 41,9 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Сабур сохтмон" 43 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Баҳори кӯдакон" 20,1 ҳазор сомонӣ рӯёнида, ба буҷет таъмин шудааст.

Тавре ки мушоҳида мешавад, Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ дар Нозироти андоз дар ноҳии Сино нисбати андозсупорандагони қарздор 57 адад огоҳинома ба маблағи умумии 905,1 ҳазор сомонӣ ирсол намуд. Танҳо аз ин ҳисоб 252,4 ҳазор сомонӣ вориди буҷет гардидааст. Инчунин, барои сари вақт пардохт накардани маблағи андози иҷтимоӣ ва инчунин, пардохт накардани бақияпулиҳои андоз, дар асоси моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 5 адад андозсупоранда ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ, протоколи маъмурӣ тартиб дод. Ҳамзамон, бо мақсади дуруст муайян намудани бақияи аслии қарзи андозҳо бо мусоидати Гурӯҳи корӣ бо 481 андозсупоранда санади муқоисаиви дуҷонибаи тасдиқшуда тартиб дода шуд, ки аз бақияи қарзи андозҳо ба маблағи 151,8 ҳазор сомонӣ ва изофапулиҳо ба маблағи 325,1 ҳазор сомонӣ кам гардид.

Бо мақсади ҳарчи бештар ба буҷет пардохт кардани маблағи қарзи андозҳо кормандони мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки дар ин самт корро ҷоннок намуда, корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳиро боз ҳам равнақ бахшанд то ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТӢ

## ВА ВОРИДОТИ МАБЛАҒҲО

**Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар соли 2018, дар маҷмӯъ, 1721-субъекти хоҷагидорро ба қайди давлатӣ гирифтааст.**



Аз он ҷумла соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда-140 адад, хоҷагиҳои деҳқонии дорои шаҳодатнома-334 адад, соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда-1247 адад ташкил медиҳад. Ба ҳолати 1-уми январи соли 2019 дар ноҳия шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома ба 1574 адад, хоҷагиҳои деҳқонии дар асоси шаҳодатнома фаъолиятдошта-6161 адад ва дорои патент 4591 адад расидаанд.

Тавре сардори Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Пайрав Ашӯров хабар дод, дар соли 2018 дар ноҳия инчунин 35 адад шахси ҳуқуқӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Алҳол теъдоди шахсони ҳуқуқӣ дар ноҳия 960 адад мебошанд. Аз ин ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд 601 адад, кооперативҳои тиҷоратӣ 60 адад, кооперативҳои ғайритиҷоратӣ 34 адад, кооперативҳои матлубот 3 адад, ассотсиатсияҳо 28 адад, ҷамъиятҳои саҳомии фаръӣ 1 адад, ҷамъиятҳои саҳомии кушода 27 адад, ҷамъиятҳои саҳомии пӯшида 17 адад, корхонаҳои воҳиди давлатӣ 16 адад, иттифоқҳо 4 адад ва муассисаҳо 169 ададро ташкил мекунанд.

- Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ин додани Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) ба сокинон мутобиқ ба талаботи моддаи 26-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, - таъкид намуд Пайрав Ашӯров. - То санаи 31-уми декабри соли 2018 ба 15 ҳазору 42 нафар сокини ноҳия Рақами мушаххаси андозсупоранда дода шудааст. Дар ин самт бо ташаббуси роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати андози вилояти Суғд ба фарзандони сокинони ҷамоатҳои дурдасти ноҳия- Чашмасор, Исмоил ва Ёва Рақами мушаххаси андозсупоранда бевосита дар муассисаҳои таълимӣ ройгон дастрас карда шуданд.

Бино ба маълумоти роҳбарияти нозироти андоз дар соли 2018 аз ҳисоби ин гуна андозсупорандагони ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба буҷети давлатӣ 29 миллиону 396 ҳазору 174 сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Маблағҳои воридшуда ба қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2018 аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ бо шаҳодатнома дар қиёси соли 2017 ба андозаи 4 миллиону 483 ҳазору 128 сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҳисоби андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунанда ба буҷети давлатӣ 13 миллиону 902 ҳазору 392 сомонӣ маблағ ворид гардидааст.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## ДОЛГИ СТАРЫЕ — МЕРЫ НОВЫЕ:

# В УЗБЕКИСТАНЕ ВЫРАСТУТ ПЕНИ ЗА НЕУПЛАТУ НАЛОГОВ



**Размер пени за неуплату налогов в Узбекистане увеличится, начиная с 1 января с 2019 года.**

Соответствующие изменения содержатся в законе, подписанном президентом республики.

В соответствии с документом, теперь за неуплату налогов назначена пеня в размере 0,045%. Если начисление пени будет осуществлено со стороны налоговиков, то тогда размер составит 0,06%.

Начисление пени осуществляться будет за каждый просроченный день.

Отметить, в настоящее время размер пени составляет 0,033%.

Пеня — это неустойка, которую в денежном эквиваленте нужно выплатить за каждый просроченный день выплат.

**https://news.mail.ru/economics/35822224/**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Налоговая амнистия для бизнесменов начала действовать в Казахстане



**Налоговая амнистия для бизнесменов начала действовать в Казахстане с 1 января 2019 года, передает корреспондент МИА «Казинформ».**

В октябрьском Послании народу Казахстана «Рост благосостояния казахстанцев: повышение доходов и качества жизни» Глава государства поручил провести с 1 января 2019 года налоговую амнистию для субъектов малого и среднего бизнеса. Она предусматривает списание начисленных пеней и штрафов, если налогоплательщики уплатят сумму основного долга.

В частности, предусматривается списание МСБ пени и штрафов при условии погашения до 31 декабря 2019 года основного долга, имеющегося на 1 октября 2018 года. При этом сумма штрафа будет списана, числящаяся по состоянию на 1 октября 2018 года, а сумма пени — начисленная до даты уплаты основного долга.

Вместе с тем, в соответствии с разработанными поправками под амнистию не подпадают:

- *крупные налогоплательщики, подлежащие мониторингу;*
- *недропользователи, за исключением недропользователей, являющихся таковыми исключительно из-за обладания правом на добычу подземных вод, лечебных грязей;*
- *производители подакцизной продукции; физические лица, не занимающиеся предпринимательской деятельностью или частной практикой.*

С учетом вышеуказанных критериев по расчетам комитета под амнистию подпадает 90 077 субъектов среднего и малого бизнеса, которые по состоянию на 1 октября 2018 года имеют налоговую задолженность в размере 340,6 млрд тенге.

При этом общая сумма пени, подлежащая списанию, составляет 122,9 млрд тенге, штрафов — 7,3 млрд тенге, которые будут списаны при условии уплаты основного долга в размере 210,4 млрд тенге.

В Казахстане налоговая амнистия проводилась несколько раз, каждый раз предоставляя возможность бизнесу избавляться от накопленных долгов и продолжить законную коммерческую деятельность.

**https://news.mail.ru/economics/35876618/**

ЭЪЛОН

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

бо мақсади пешгирии ҳолатҳои аз тарафи кормандони мақомоти андоз аз субъектҳои хоҷагидор беасос талаб намудани пешпардохти маблағи андозҳо, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки

**АЗ ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ АНДОЗҲОИ АЗ УҲДАДОРИИ ДАВРАИ ҲИСОБОТӢ ЗИЁД ХУДДОРӢ НАМОЕД.**

Бинобар ин, хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати муайян намудани дурустии уҳдадориҳои андозӣ доштан барои ҳар як давраи ҳисоботӣ, тибқи муқаррароти моддаи 19 Кодекси андоз бо мақомоти андози маҳаллӣ қайди худ пайваста санади муқоисавӣ тартиб диҳед. Дар сурати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз риоя нагардидани талаботи мазкур,

**ШУМО МЕТАВОНЕД БО РАҚАМИ ТЕЛЕФОНИИ СОДАКАРДАШУДАИ 151 ВА Ё ХАТТӢ БА КУМИТАИ АНДОЗ МУРОҶИАТ НАМОЕД.**

# ҲИСОБИ ГАРОНИИ АНДОЗ ДАР САТҲИ КОРХОНАҲОИ ХУРД

Дар шароити муосир ва чорчӯбаи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба марҳалаи нави рушд ворид мешавад. Ин вазифадор менамояд, ки ислоҳоти иқтисодӣ ва тағйироти институтсионалие, ки боиси такмили қонунгузории соҳаҳои дахлдор, аз ҷумла дар низоми андоз ва андозбандӣ мегардад, идома дода шавад.




Мақсади ислоҳоти низоми андози ҷумҳурӣ ва содагардонии он таъмини баробарӣ ва мувофиқати гаронии андоз ташкили шароит баҳри рушди истеҳсолоти самаранок дар заминаи худмаблағгузории субъектони соҳибкории бахши иқтисод, хусусан соҳаи бизнеси хурд мебошад. Рушди соҳибкории хурд омили муайянкунандаи рушди иқтисод буда, ба масъалаҳои махсусан аҳамиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат мансуб аст. Соҳибкории хурд дар ҷумҳурӣ алҳол ҳам аз ҷиҳати соҳавӣ ва ҳам аз лиҳози минтақавию ҳудудӣ ба таври мухталиф рушд намуда, ин таҷдиди назари мазмун ва ташкили низоми муҳаррикҳои рушди онро талаб мекунад.

Андозҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, маҷмӯи муносибатҳои тақсимотӣ ва аз нав тақсимнамоии даромади бавуҷудомадаи ҷамъиятиро инъикос менамоянд. Аз ин лиҳоз, андоз ҳамчун яке аз фишангҳои муҳими идоракунии низоми иқтисодӣ-иҷтимоӣ баромад менамояд. Азбаски, ноил гардидан ба сатҳи баланди рушд дар маҷмӯи нишондиҳандаҳои рушди низоми иҷтимоӣ дарҷ меёбад, яке аз онҳо сатҳи некуаҳволии аҳолӣ маҳсуб мешавад. Бинобар ин, солҳои охир дар ҷумҳурӣ мунтазам доир ба масъалаи мукаммалнамоии низоми андозӣ барои таъмини самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва адолати иҷтимоии андозӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст. Аз ин ҷиҳат, идоракунии гаронии андоз на танҳо ба унсури идораи низоми андозӣ, балки ба идоракунии низоми иқтисодӣ-иҷтимоии давлат низ таъсир мерасонад. Идоракунии самараноки андозҳо, пеш аз ҳама, на танҳо барои фаъолият доштан, балки барои рушди иқтисодии корхонаҳои хурд дар шароити номуайянии муҳити беруна ва хатарҳои зиёд дар фаъолияти хоҷагидорӣ мусоидат менамояд.

Гаронии андоз, дар маҷмӯъ, дар сатҳи корхонаҳо, маҷмӯи андозҳои пардохтшудаи корхона нисбат ба даромади умумии он муқоиса карда мешавад.

Барои баҳодиҳии сатҳи қиёсии гаронии андоз нисбати корхонаҳои хурд сатҳи вазнинии андозро дар сатҳи корхонаҳои дар ҷумҳурӣ амалкунанда таҳлил менамоем.

Дар асоси маълумоти оморӣ, доир ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои даромади корхонаҳо, пардохти маҷмӯии андозҳо, андози даромад, фонди музди меҳнат ва гаронии андоз барои корхонаҳои хурд дар давоми солҳои 2010-2016 ҳисоб карда шудааст. *(Нигаред ба ҷадвал)*

Дар муқоиса бо маълумоти ҷадвали 1 диаграммаи вобастагии гаронии андоз ба ҳаҷми даромади корхонаҳои хурд таҳия карда шудааст.

Дар диаграммаҳо афзоиши сатҳи гаронии андоз дар соли 2010 то 19,58% ва дар соли 2013 то 21,86% инъикос ёфтааст. Фарқияти он то 2,28% зиёд шудааст, ки он таҳлили муносиби сабабҳои афзоиши ин нишондиҳандаро талаб менамояд. Аз соли 2010 то соли 2013 гаронии андоз аз 19,58 то 21,86% афзуд, аммо дар давоми солҳои 2013-2014 ин нишондиҳанда аз 21,86 то 17,61% коҳиш ёфт. Тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо дар солҳои 2013-2014 аз ислоҳоти низоми андозӣ дар ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳанд. Дар солҳои 2014-2016 вазни қиёсии андозҳо аз даромади корхонаҳо якбора аз 17,61 то ба 20,68% зиёд шуд.

**САТҲИ МАҶМУИ ГАРОНИИ АНДОЗ ДАР КОРХОНАҲОИ ХУРДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2010-2016**

| Солҳо Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромади умумии корхонаҳои хурд (Др), млн. сомонӣ | 1836.20 | 2363.20 | 2849.90 | 4271.10 | 5501.60 | 6170.90 | 3793.10 |
| Пардохти андозҳо (Тр), млн. сомонӣ | 354.40 | 489.20 | 552.80 | 914.00 | 957.30 | 1129.30 | 769.90 |
| Андози даромад (Тд) млн. сомонӣ | 12.92 | 18.66 | 24.91 | 34.92 | 44.59 | 46.07 | 30.31 |
| Фонди музди меҳнат (Фмм), млн. сомонӣ | 92.30 | 133.30 | 177.90 | 249.40 | 318.50 | 329.10 | 216.50 |
| Гаронии андоз (Бр), % | 19.58 | 21.10 | 19.76 | 21.86 | 17.61 | 18.54 | 20.68 |




**Диаграммаи 1. Сатҳи гаронии андоз барои корхонаҳои хурд (бо %)**

Бояд қайд намуд, ки зимни муайяннамоии меъёрҳои андозӣ пеш аз ҳама, ҳисобу китоби пешакии сатҳи гаронии андозҳо барои пешгирии таъсироти манфии он ба фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба таври зарурӣ муайян карда шаванд.

**А. НУРАЛИЗОДА,**

**дотсенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ**

**У. ВОҲИДОВ,**

**муаллими калони кафедраи моделсозии математикӣ ва иттилоотии ДДМИТ**

# ЭЛЕКТРОННЫЙ ДОКУМЕНТ:
## ВЧЕРА, СЕГОДНЯ, ЗАВТРА

Несколько последних публикаций экспертов Synerdocs были посвящены электронным документам в судах и развитию системы электронного правосудия. В настоящей статье хотелось бы подвести некоторый итог и поднять вопрос о будущем электронного правосудия в России. А оно, как вы понимаете, напрямую связано с электронными документами



Возможно, именно семантика слова «письменный» все еще влияет на понимание электронного документа работниками судов. Тем не менее, можно выделить три этапа развития электронного правосудия, связанных с ЭД.

### ЭТАП 1.

#### Электронный документ – это образ бумажного

Не нужно напоминать, что ранее информации в электронной форме не доверяли совсем. Компьютеры помогали создавать документы технически, но юридической силой обладала только бумага. И именно поэтому первым этапом на пути к широкому использованию ЭД можно назвать работу с образом бумажного документа.

Федеральный закон от 27.07.2006 года №149-ФЗ «Об информации, информационных технологиях и о защите информации» – основополагающий в сфере применения информационных технологий. Однако определение электронного документа было включено в него только в 2010 году (правки внес Федеральный закон от 27.07.2010 года №227-ФЗ). До этого указанный ФЗ содержал только понятия электронного сообщения и документированной информации:

10) электронное сообщение – информация, переданная или полученная пользователем информационно-телекоммуникационной сети;

11) документированная информация – зафиксированная на материальном носителе путем документирования информация с реквизитами, позволяющими определить такую информацию или в установленных законодательством Российской Федерации случаях ее материальный носитель;

11.1) электронный документ – документированная информация, представленная в электронной форме, то есть в виде, пригодном для восприятия человеком с использованием электронных вычислительных машин, а также для передачи по информационно-телекоммуникационным сетям или обработки в информационных системах;

Таким образом, ЭД определен как некоторая сущность с реквизитами, что опять же приближает его к понятию бумажного аналога, который по своей природе должен иметь ряд обязательных реквизитов.

Документ – зафиксированная на носителе информация с реквизитами, позволяющими ее идентифицировать.

ГОСТ Р 7.0.8-2013. Национальный стандарт Российской Федерации. Система стандартов по информации, библиотечному и издательскому делу. Делопроизводство и архивное дело. Термины и определения (утв. Приказом Росстандарта от 17.10.2013 года №1185-ст)

В случае с бумажными документами реквизиты имеют отношение к его оформлению, такой подход долгое время переносили и продолжают переносить в работу с ЭД.

Разное понимание природы электронного документа – одно из основных препятствий для повсеместного использования ЭДО. И это в полной мере отражается на деятельности судов, которые все еще воспринимают ЭД как образ документа, созданного на бумаге.

### ЭТАП 2.

#### Электронный документ как самостоятельная сущность

С началом применения электронной подписи, санкционированной на законодательном уровне, начался новый этап применения ЭД. С этого момента мы можем говорить о юридически значимых документах, которые подписаны электронной подписью (при соблюдении иных требований к ним). Подтверждение тому – статьи 160 и 434 Гражданского кодекса РФ, а также нормы Федерального закона «Об электронной подписи».

Помимо этого, напомню, что в 2017 году суд произвел разделение понятий «электронный документ» и «электронный образ документа»:

Электронный документ – документ, созданный в электронной форме без предварительного документирования на бумажном носителе, подписанный электронной подписью в соответствии с законодательством Российской Федерации;

Электронный образ документа (электронная копия документа, изготовленного на бумажном носителе) – переведенная в электронную форму с помощью средств сканирования копия документа, изготовленного на бумажном носителе, заверенная в соответствии с Порядком подачи документов простой электронной подписью или усиленной квалифицированной электронной подписью.

Такое нововведение отразило готовность судов не только различать образ документа, созданного на бумаге от непосредственно электронного, но и по-разному подходить к работе с ними.

Сейчас стало очевидным следующее препятствие к широкому использованию ЭДО: ограничение применения данных в качестве электронных документов. Отмечу, что существующая Система межведомственного электронного взаимодействия (далее – СМЭВ) помогает государственным и муниципальным органам работать быстрее и повышает качество оказываемых услуг. Однако она используется не повсеместно, поэтому можно говорить, что внедрение подобной технологии в максимальное количество госучреждений (в том числе и в суды) повысило бы эффективность взаимодействия с ними. И примеры этому уже есть:

1. Использование ЕСИА для организации работы в системах «Мой арбитр» и «Правосудие».

2. Организация прямого взаимодействия с ФССП России для передачи исполнительных листов в электронной форме (источник: Суды будут выдавать электронные исполнительные листы). Законопроект подготовлен Министерством юстиции России.

3. Использование московскими судами общей юрисдикции Комплексной информационной системы судов общей юрисдикции (далее – КИС СОЮ). Система имеет интеграцию с несколькими ведомствами, состав которых планируют расширять. Это позволяет судам оперативно получать необходимую информацию. Решение о масштабировании системы пока не принято.

### ЭТАП 3.

#### Электронный документ как любая информация в электронной форме

Третий этап подразумевает использование массивов данных в электронной форме в качестве электронных документов. Например, подключив суды к СМЭВ, можно исключить необходимость представления некоторых документов участниками судебных разбирательств.

Конечно, в случае использования СМЭВ данные будут проверенными. И именно вопрос надежности источника получаемой информации станет главенствующим при переходе на работу с электронными данными. То есть владелец определенной информационной системы должен гарантировать, что предоставляемая им информация достоверна. В данном направлении ведутся разработки различных технологий аутентичности информации, поэтому и законодательство не должно отставать.

Отмечу, что взаимодействие арбитражных судов со СМЭВ все еще не налажено, хотя Извещение о проведении открытого аукциона было опубликовано в 2013 году.

Я кратко рассмотрела, как понимание сути электронного документа влияет на его использование судами, а также показала возможности дальнейшего развития ЭДО в судебной системе.

Все признают необходимость развития электронного правосудия в России, но для этого важен прогрессивный взгляд на электронные документы и их использование. Любые попытки перенести правила работы с бумажными документами в информационные технологии не только не развивают отрасль, но прямо стагнируют ее.

Включение в деятельность судов работы с данными могло бы изменить понимание электронных документов в принципе и помочь перейти на новый этап использования ЭДО. Еще одной важной задачей будет являться правильная интеграция уже существующих систем, помогающих в деятельности судебных органов.

**Карина КАССИС**
**Источник: http://taxpravo.ru**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Роналду получит два года условно за неуплату налогов



### Роналду частично признал свою вину и выплатил испанской казне 13,4 млн евро

Нападающий туринского «Ювентуса» Криштиану Роналду предстанет перед судом Мадрида по делу о махинациях с налогами. Слушание дела пройдет 14 января 2019 г., пишет Росбалт со ссылкой на газету AS.

По информации СМИ, Роналду могут признать виновным по четырем фактам налогового мошенничества в размере 14,7 млн евро. Футболисту грозит наказание в виде двух лет тюремного заключения условно.

Криштиану частично признал свою вину. Он также выплатил испанской казне 13,4 млн евро.

**http://taxpravo.ru/novosti**

# Дар партави Паёми Президент

# Иқтисодшиноси фаронсавӣ буҳрони навбатии фароҷаҳониро пешбинӣ кард

Аломатҳои зиёде гувоҳӣ медиҳанд, ки соли 2019 иқтисодиёти ИМА ва тамоми ҷаҳон ба буҳрони навбатӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Ин дар ҳолест, ки амалкарди президент Доналд Трамп аллакай ба вайрон кардани идораи иқтисодиёти ҷаҳон шурӯъ кардааст, навиштааст иқтисодшиноси фаронсавӣ Давид Кайла дар рӯзномаи Le Figaro.



Ба андешаи иқтисодшинос, Трамп бо вуҷуди ба нармшавии танзими соҳаи молия ва коҳиш додани бори андозҳо дар ИМА мусоидат карда бошад ҳам, вале шохисҳои биржавии амрикоӣ бошиддат паст шуда, шоҳиди ба амал омадани буҳрони ногузири иқтисодӣ мебошанд.

Кайла инчунин, чанд сабаберо нишон додааст, ки боиси дарояндаи хеле наздик иқтисодиёти ИМА ба ногувориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад. Ба андешаи мутахассис, сабаби якум – давраи аз ҳад зиёд тулонии болоравии иқтисодӣ мебошад ва соли 2018 соли нуҳуми болоравии пайдарҳами иқтисодии амрикоӣ буда, дар қисми боқимондаи ҷаҳон суст шудани суръати болоравии иқтисодӣ мушоҳида мегардад.

Ба андешаи мутахассис, сиёсати номураттаби маъмурияти Трамп яке аз омилҳои муҳим мебошад.

Олими иқтисодшинос ваъдаи додаи президенти ИМА дар бораи яктарафа барои кишварҳои Аврупо баланд бардоштани боҷҳо ва сипас баъд аз баъзе гузаштҳои ҷониби муқобил аз нияти худ гаштани вайро ба ҳайси мисол нишон додааст. Кайла чунин меҳисобад, ки стратегияи амрикоӣ ба он равона гаштааст, ки на Иттиҳоди Аврупо, на Чин ва на ягон кишвари дигар ҳадафҳои дарозмуддати Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро, ки дар алоқамандӣ ба вазъияти баамаломада зуд тағйир меёбанд, ба таври саҳеҳ пешгӯӣ карда натавонанд.

Коршиноси фаронсавӣ инчунин, сиёсати Трампро на «протекционистӣ», балки «меркантилӣ» унвон карданро пешниҳод намудааст. Кайла қайд кадааст, ки президенти ИМА бо рафтори худ собит менамояд, ки вай на сиёсатмадор, балки бештар бизнесмен аст ва «кӯшиш менамояд, ки танзим накунад, балки ба гузаштҳои ба манфиати истеҳсолкунандагонаш нигарондашуда ноил гардад».

Ба ғайр аз он, иқтисодшиноси фаронсавӣ проблемаи сиёсати дохилии ИМА, аз ҷумла, «шатдаун»-и ҳукуматро мисол овардааст, ки он боиси ногаҳон қатъ гаштани пардохти музди меҳнати 800 ҳазор хизматчиёни давлатӣ ва қатъ шудани фаъолияти аксари идораҳои федералӣ шудааст.

Кайла қайд намудааст, ки тамоюлоти мазкур, бо эҳтимоли калон, ба буҳрони иқтисодӣ оварда мерасонанд, вале буҳрони нав ба буҳронҳои пешин монанд намешавад. «Ҳодисаҳое, ки дар ИМА ва ҷаҳон ба амал меоянд, дар маҷмӯъ, гардиши қатъӣ дар идоракунии иқтисодӣ мебошанд», навиштааст Кайла ва илова намудааст, ки сиёсати Трамп ба аксари ниҳодҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ таъсир гузоштааст, аз он ҷумла ба фаъолияти Созмони ҷаҳонии савдо, ки он имрӯз аллакай қобилияти пурра ҳаллу фасл намудани бисёр масъалаҳоро надорад.

Дар хотимаи мақолааш Кайла изҳор намудааст, ки умри иқтисодиёти ҷаҳон, ки бо усули коллективӣ таҳия шудааст, ба анҷом расидааст ва буҳрони нави иқтисодӣ оғози марҳалаи наве мегардад, ки ҳангоми он ба ҷойи танзимкунии байналмилалӣ сиёсатҳои сершумори мустақили иқтисодӣ меоянд.

**«Тартиботи тавлидшудаистодаи ҷаҳонӣ аллакай ба қоидаҳои умумӣ тобеъ набуда, ба қоидаи «ҳуқуқи қудрат» асос ёфта, ҳангоми он ҳар як кишвар абзорҳои иқтисодиро ба нафъи худ истифода мебарад. Гузариши мазкур чунин маъно дорад, ки сиёсат бори дигар ҳоким буда, бо майли худ амал мекунад»,** - навиштааст мутахассис.

**Манбаъ: https://news.mail.ru/economics**

Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сокинони кишвар ҳамчун барномаи фаъолият пазируфта, дар мавриди нуктаҳои барномавии он андешаҳояшонро баён мекунанд.

# ҲАМНАВОИ ЗАМОН

## БАРНОМАИ МУКАММАЛ

**Ҳотам ҲОТАМОВ, сардори шуъбаи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии андози Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- Имрӯзҳо мо зери таассуроти Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем. Чун ҳамешагӣ дар Паём ба тамоми самтҳои кишвар, аз ҷумла ба ҳолати кунунии иқтисодиёти он баҳои воқеӣ дода шуда, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои андозӣ ва дастгирию самтҳои рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дастуру супоришҳо ироа карда шуд.

Аз ҷумла, бо мақсади боз ҳам фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур дода шуд, ки солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ карда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ” ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда шаванд.

Ҳамзамон, бо мақсади ҷалби бештари сармоя, дастгирии соҳибкорӣ ва дар ин замина, тақвият бахшидан ба истеҳсоли молҳои ба содирот нигаронидашуда Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки ашёи хоми барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ба истиснои ашёи хоми дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шавад.

## БО ДАРКИ МАСЪУЛИЯТ

**Ҷумъахон ОБИДОВ, соҳибкор:**

- Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишварамон мебошад. Мо Паёми навбатии Пешвои миллатро бо рӯҳбаландии том шунида, ҷонибдории худро аз сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлат бо хушнудӣ изҳор медорем. Мақсади асосии Паём, дар маҷмӯъ, ба ободиву шукуфоии Ватан тавассути сохтмону ба истифода додани иншоотҳои ҳаётан муҳим равона шудааст. Акнун моро лозим аст, ки сифатнокии корҳои сохтмониро таъмин намоем, дар иҷрои вазифа ва рисолати хеш масъулиятшинос бошем, корҳои созандагиро вусъат бахшем.Воқеан, имрӯз ҳар як шахси ватандору ватандӯст зери таассуроти нуктаҳои Паёми имсола қарор дорад, зеро Паёми имсола, мисли ҳамеша фарогири муҳимтарин масъалаҳои ҷомеа буда, дурнамои рушди кишварро дар тамоми самтҳо муайян месозад. Дар Паёми имсола дар радифи масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ба авзои сиёсии ҷаҳону минтақа ва таъмини амнияту осоиштагии кишвар низ таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид.

## ДУРНАМОИ РУШД

**Олиямо САИДОВА, омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и шаҳри Кӯлоб:**

- Президенти Тоҷикистон дар Паёми имсолааш ба мақоми баланди омӯзгор ва зиёӣ дар ҷомеа таваҷҷуҳ карда, гуфтанд: **«Мо заҳмати устодону омӯзгоронро ҳамеша баланд арзёбӣ мекунем ва ғамхориро дар ҳаққи онҳое, ки дар ин соҳа хизматҳои шоиста кардаанд, идома медиҳем. Лекин пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо мекунад, ки онҳо низ барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ мунтазам кӯшиш кунанд. Агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем».** Воқеан ҳам, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ дар бораи забономӯзии хонандагони муассисаҳои таълимӣ, донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ хуб қайд намуданд, ки мо бояд ба ғайр аз забони модарии худ, инчунин, забонҳои русӣ ва англисиро аз худ намоем, чунки ин барои ояндаи дурахшони миллати мо хеле зарур аст. Муҳимтарин нуқтаи ин Паём он буд, ки Сардори давлат иброз намуданд, миллате, ки савод дорад, дониш дорад, маърифат дорад, вай метавонад, ки имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мақоми арзандаи худро нишон диҳад ва давлати миллии худро ҳамчун давлати созанда муаррифӣ намояд.

## ДАРСИ МАЪНАВИЁТ

**Насиба ТУРСУНОВА, омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35-и шаҳриТурсунзода:**

- Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мо- занону духтарон дарси сиёсату маънавиёт мебошад. Сардори давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни пешниҳоди Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нақши занон дар рушду шукуфоии мамлакат ва масъулиятшиносии онҳо изҳори андеша намуда, таъкид намуданд, ки «зан модар аст, яъне ягона мавҷудест, ки инсонро ба дунё меорад ва ба ӯ ҳаёт мебахшад. Ба ин хотир, мо масъул ҳастем, ки ба ин мавҷуди офарандаи инсоният арҷ гузорем, ранҷу машаққат ва заҳмату хизматҳои ӯро қадр намоем».

Воқеан, тавре дар Паём зикр шуд, ки имрӯз шумораи занон дар сафи хизматчиёни давлатӣ афзоиш ёфта, соли 2018 дар мансабҳои роҳбарикунанда 19 фоиз ва дар ҳайати хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 25 фоизро заннону духтарон ташкил медиҳанд.

Пешвои миллат, аз модарону бонувони кишвар даъват ба амал оварданд, ки дар риояи қонунҳои миллиамон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» боз ҳам фаъол бошанд, фарзандонро ба зиндагии мустақилона омода карда, онҳоро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намоянд, сарфаю сариштакориро, ки яке аз хислатҳои беҳтарини миллати қадимаи мост, риоя кунанд, дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ҳамеша пешсаф бошанд, расму ойин, анъанаву суннатҳо ва фарҳанги миллиамонро ҳифз намоянд.

Аз ин лиҳоз, мо - омӯзгорони ҷавони Тоҷикистон таҳти сарварии Пешвои миллат, метавонем дар асри 21, бо дастрасӣ ва бо истифода аз техника ва технологияи муосири иноватсионӣ рақобатпазирии кишварро дар арсаи байналмилалӣ таъмин созем. Бо итминони комил метавон гуфт, ки тамоми нишондодҳо ва тавсияҳои Паёми Роҳбари давлат, аз ҷониби аҳли ҷомеаи кишвар самимона пуштибонӣ ёфта, ҳамчун барномаи амали бунёдкорӣ ва кору амали созанда баҳри шароити зиндагии арзанда дар амал татбиқ мегардад.

**Таҳияи Маҳбубаи ҚУРБОНАЛӢ**

# МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯихати субъектҳои бефаъолиятро тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият", ҷиҳати хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатӣ пешниҳод менамояд.

Аз шумо хоҳиш менамоем, ки арзу шикоятҳоро нисбати андозсупорандагони бефаъолият, ба Бахши иттилоотӣ бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151 ва 152 ё ба Кумитаи андоз бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2 пешниҳод намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Рӯихати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд.

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | РЯМ |
|---|---|---|---|
| | **СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ** | | |
| 167 | Раупов Алиҷон | 11.июл.11 | 1230061681 |
| 168 | Қурбонова Наргиза | 01.июл.10 | 0430050033 |
| 169 | Заробова Ҳамза | 29.июн.11 | 0430088111 |
| 170 | Қурбонов Салоҳиддин | 07.янв.16 | 0430206215 |
| 171 | Иноятов Иброгим | 11.мар.16 | 0430208928 |
| 172 | Юсупов Хуршед | 13.янв.12 | 0430102301 |
| 173 | Одинаев Алишер | 01.сен.11 | 0430092997 |
| 174 | Джалолов Салоҳидин | 16.мар.07 | 0930010501 |
| 175 | Гасими Тимур | 10.фев.10 | 0430015227 |
| 176 | Никулина Екатерина | 14.июл.16 | 0430218727 |
| 177 | Саломов Фирдавс | 29.май.12 | 0430114154 |
| 178 | Толибов Исматулло | 22.сен.12 | 0430123201 |
| 179 | Раупов Акрам | 12.апр.16 | 0430210972 |
| 180 | Қурбонов Бахтиёр | 19.янв.09 | 0430026722 |
| 181 | Ашуров Қурбонали | 11.июн.10 | 1230028085 |
| 182 | Назриев Хуршед | 18.фев.16 | 0430207718 |
| 183 | Кабирова Соҷидамо | 13.дек.10 | 0430068146 |
| 184 | Саъдуллоев Мухамадчон | 24.ноя.11 | 0430099533 |
| 185 | Азизов Мирзо | 12.июн.14 | 0430172793 |
| 186 | Холов Камолҷон | 28.май.10 | 0430040710 |
| 187 | Сатторов Олим | 31.мар.12 | 0430108195 |
| 188 | Эргашев Дилмурод | 30.мар.10 | 0430025411 |
| 189 | Соҳибова Зуфнуна | 14.апр.09 | 0430044469 |
| 190 | Салибаева Альфия | 12.май.11 | 0430083766 |
| 191 | Мадалиев Нурали | 22.сен.11 | 0430095105 |
| 192 | Ҳалимов Бахтиёр | 22.авг.13 | 0430149464 |
| 193 | Айдаршоев Туроншо | 10.июн.13 | 0430144743 |
| 194 | Зарипов Фарҳод | 01.ноя.12 | 0430125154 |
| 195 | Салохиддинов Аловиддин | 02.окт.09 | 0430003787 |
| 196 | Яқубов Дурандеш | 17.мар.17 | 0430233779 |
| 197 | Исманқулова Караматхан | 27.май.14 | 0430171345 |
| 198 | Нуров Абдулло | 16.фев.09 | 0430049840 |
| 199 | Шодмонов Муҳин | 22.фев.17 | 0430232065 |
| 200 | Азизов  Абдулхаким | 15.дек.11 | 0430101045 |
| 201 | Иброимова Ниссо | 15.мар.11 | 0430077478 |
| 202 | Ғайратов Сабоҳ | 21.апр.11 | 0430081768 |
| 203 | Абдусаломов Исломиддин | 18.11.2009 | 0330003951 |
| 204 | Хоҷаева Заррина | 19.11.2009 | 0430007014 |
| 205 | Шарипов Аҳмад | 12.01.2010 | 0430009608 |
| 206 | Нуров Суҳробудин | 21.01.2010 | 0430011194 |
| 207 | Қодиров Мавлон | 02.02.2010 | 1230009917 |
| 208 | Азамова Муқаддас | 05.02.2010 | 0430013788 |
| 209 | Сангинова Дилфуза | 23.02.2010 | 0430018628 |
| 210 | Олимов Файзали | 02.03.2010 | 0430020351 |
| 211 | Мадазимов Комил | 15.03.2010 | 0230011944 |
| 212 | Сафаров Манучеҳр | 18.03.2010 | 0430023963 |
| 213 | Кодирова Ҷамила | 25.03.2010 | 0230012265 |
| 214 | Шоев Шоҳмурод | 15.04.2010 | 0430029435 |
| 215 | Ғафуров Ҷаббор | 24.05.2010 | 0430039445 |
| 216 | Неъматов Раҳматулло | 26.05.2010 | 0930027973 |
| 217 | Арбобова Қутбия | 20.05.2009 | 0430042599 |
| 218 | Қурбонов Давлатҷон | 17.06.2010 | 0430045963 |
| 219 | Ибронова Давлатмо | 19.10.2010 | 0430063077 |
| 220 | Шокиров Ғайбулло | 05.11.2010 | 0130033640 |
| 221 | Алиев Бахрулло | 04.12.2010 | 0430067294 |
| 222 | Камолов Суҳроб | 06.12.2010 | 0430067395 |
| 223 | Юлдашева Зухра | 13.12.2010 | 0430068073 |
| 224 | Холиқов Сайҳиддин | 18.01.2011 | 0430070557 |
| 225 | Ҳалимов Қаюмхон | 18.02.2011 | 0430074902 |
| 226 | Соирова Равшан | 29.03.2011 | 0430078275 |
| 227 | Шоев Саъди | 27.07.2011 | 0430090421 |
| 228 | Маҷидов Собирҷон | 15.08.2011 | 0430092053 |
| 229 | Гулова Михринигор | 19.10.2011 | 0430097168 |
| 230 | Амонов Искандар | 21.02.2012 | 0430105262 |
| 231 | Саидов Бахтиёр | 05.03.2012 | 0430106289 |
| 232 | Шокиров Олимхон | 15.03.2012 | 0430107609 |
| 233 | Шукуров Абдулхафиз | 13.04.2012 | 0430109836 |
| 234 | Назаров Равшан | 04.05.2012 | 0430111862 |
| 235 | Саидов Искандар | 13.06.2012 | 0430115941 |
| 236 | Шукурова София | 25.07.2012 | 0430119681 |
| 237 | Корова Назокат | 30.10.2012 | 0430125099 |
| 238 | Ятимова Марям | 27.12.2012 | 0430127601 |
| 239 | Ҳамидов Муҳаммад | 28.01.2013 | 0430128683 |
| 240 | Ан-Нимр Фирас | 13.02.2013 | 0430131387 |
| 241 | Шоев Фирӯз | 15.04.2013 | 0430137776 |
| 242 | Азизбекова Шаҳноза | 16.07.2013 | 0430147960 |
| 243 | Мамадназарова Анҷир | 08.10.2013 | 0430153497 |
| 244 | Ҷололов Беҳрӯз | 30.05.2014 | 0430171583 |
| 245 | Бобокалонов Ҳабибулло | 24.07.2014 | 0430175332 |
| 246 | Каробоев Исроил | 21.01.2015 | 0430184884 |
| 247 | Имамидинова Давлатбуву | 05.02.2015 | 0430186259 |
| 248 | Абдусамадзода Манучехр | 06.03.2015 | 0430189394 |
| 249 | Абдуллоева Маҳбуба | 17.03.2015 | 0430190255 |
| 250 | Саидов Далерхон | 25.08.2015 | 0430201915 |
| 251 | Наимов Авазхон | 30.12.2015 | 0430206059 |
| 252 | Раҷабов Сайфидин | 10.05.2016 | 0430213355 |
| 253 | Ҳамдамов Муҳаммад | 27.05.2016 | 0430214831 |
| 254 | Тураев Шерзод | 06.09.2016 | 0430221037 |
| 255 | Абдуразаков Умед | 05.04.2017 | 0430234310 |
| 256 | Бобоев Салоҳидин | 19.01.2010 | 0430010965 |
| 257 | Буриев Содикҷон | 17.03.2010 | 0430023770 |
| 258 | Вахитов Валиҷон | 05.07.2010 | 0430050785 |
| 259 | Шоев Бахтовар | 30.07.2010 | 0230019341 |
| 260 | Муминчонов Зулфиддин | 18.08.2010 | 0430056871 |
| 261 | Компони Нодирпур | 20.05.2011 | 0330129076 |
| 262 | Оева Марҷона | 06.06.2011 | 0430085939 |
| 263 | Мамедова  Маргарита | 16.12.2011 | 0430101073 |
| 264 | Хайруллаева Гулноза | 31.05.2012 | 0230035814 |
| 265 | Исломов Сайдамир | 07.11.2012 | 0430125520 |
| 266 | Мирзоев Ҷаҳонгир | 01.08.2013 | 0430148657 |
| 267 | Ҳусаинова Саида | 19.05.2015 | 0430197405 |
| 268 | Худжаева Рухшона | 16.07.2016 | 0430218874 |
| | **ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ** | | |
| 269 | ҶДММ «Маркази химояи хукукии «АЯКС»» | 10.сен.09 | 040028711 |
| 270 | ҶДММ»МУЗАФФАРИЯТ 2010» | 17.мар.10 | 040030340 |
| 271 | ҶДММ»БАЛТИКМАРКЕТ» | 04.авг.09 | 040028404 |
| 272 | ҶДММ «РУБИ» | 25.июл.11 | 040034504 |
| 273 | ҶДММ «САХОВАТСОЗ» | 04.дек.09 | 040029270 |
| 274 | ҶДММ «ҚАЙСАР 2013» | 31.янв.13 | 040038655 |
| 275 | ҶДММ «РУМАЙСА 2011» | 27.окт.11 | 040035084 |
| 276 | ҶДММ «ФАРЗО» | 11.ноя.11 | 040035176 |
| 277 | ҶДММ «ЛАЙЛИ-2014» | 21.янв.14 | 040045277 |
| 278 | ҶДММ «ШАҲДИЁР» | 28.янв.14 | 040045327 |
| 279 | ҶДММ «БУРИЗОД» | 13.авг.10 | 040031700 |
| 280 | ҶДММ «УМЕДИ НЕК» | 10.май.12 | 040036536 |
| 281 | ҶСП «НУРИ УМЕДХО» | 28.май.10 | 040030923 |
| 282 | ҶДММ «ДУРАХШОН К» | 26.фев.10 | 040030167 |
| 283 | ҶДММ «ФАРСИН» | 04.ноя.10 | 040032525 |
| 284 | ЧДММ «Чашма ЛТД» | | 040019773 |
| 285 | ҶДММ «СИМБОД ТИЧОРАТ» | 08.июл.10 | 040031317 |
| 286 | ҶСП «АРВАНД» | 11.ноя.09 | 040029152 |
| 287 | ҶДММ «ХАДАМОТИ ҲАВОИ ВА НАФТИИ ТОҶИК» | 01.июл.11 | 040034305 |
| 288 | ҶДММ «ДЛЕМ» | 21.янв.14 | 040045256 |
| 289 | ҶСП «ТОҶИ ЗАРИН» | 29.май.13 | 040043148 |
| 290 | ҶДММ «ТИҶОРАТИ ҲОМИД ЗИЁ» | 18.июл.14 | 040046340 |
| 291 | ҶДММ «ЧТ» | 30.июн.10 | 040031246 |
| 292 | ҶДММ «ОДИЛ НАБИЛ» | 18.июл.11 | 040034412 |
| 293 | ҶДММ «РУШАН ТЕХ» | 27.май.08 | 040025684 |
| 294 | ҶДММ «ЧОН» | 22.май.09 | 040027842 |
| 295 | Намояндагии «АЛ ҲАСМ ГРОУПС оф КОМПАНИ» дар ҶТ | 24.июн.10 | 040031180 |
| 296 | ҶДММ «ФИРУЗ ВА К» | 14.май.13 | 040042765 |
| 297 | ҶДММ «СЕТОР» | 30.дек.09 | 040029593 |
| 298 | ҶДММ «НИДОИ АФШИН» | 10.сен.09 | 040028727 |
| 299 | ҶДММ «АСМЕРА» | 07.апр.11 | 040033656 |
| 300 | ҶДММ «ЮСУФИ УМЕД» | 10.июн.11 | 040034147 |
| 301 | ҶДММ «ОРМОНИ ОРИЁ» | 16.фев.13 | 040038946 |
| 302 | ҶДММ «БОБО-НИЁЗ» | 02.июл.99 | 040001778 |
| 303 | ҶДММ «ФУЧИН» | 11.май.11 | 040033916 |
| 304 | ҶДММ «АЛ-НУР» | 01.дек.15 | 040049585 |
| 305 | ҶДММ «АЗИЯ ТРАНЗИТ КОМПАНИ» | 11.апр.08 | 040025314 |
| 306 | ҶДММ «МИЗБОНИ ОСИЁ» | 16.апр.14 | 040045794 |
| 307 | ҶМСП «НУР И К» | 31.мар.11 | 040033575 |
| 308 | ҶСП «МИС 100» | 10.окт.13 | 040044442 |
| 309 | ҶДММ «УМЕД 88-3» | 04.июн.13 | 040043235 |
| 310 | ҶДММ «УМАРҶОН» | 28.янв.13 | 040038594 |
| 311 | МХТДД «АБӮҲАНИФА» | 02.май.09 | 040027724 |
| 312 | ҶДММ «НАВРУЗ 10» | 02.апр.10 | 040030411 |
| 313 | ҶДММ «Точирони Хатлон» | 24.дек.08 | 010026615 |
| 314 | Филиали ҶДММ «ПОТИ-АС» дар ҶТ | 21.июл.08 | 040026099 |
| 315 | ҶДММ «ЗЕРАФШАН ПЛЮС» | 24.авг.10 | 040031834 |
| 316 | ҶДММ «СОМОН ТҶ» | 28.янв.11 | 040033094 |
| 317 | ҶДММ «МИНЕРАЛЬНЫЕ ВОДЫ» | 20.июн.07 | 040022828 |
| 318 | ҶДММ «ЭВЕРЕСТ С12 Н22 О11» | 29.июл.11 | 040034546 |
| 319 | ҶДММ «КАРАМИ ТРЕЙДИНГ ИНТЕРНЕШНАЛ» | 24.авг.12 | 040037334 |
| 320 | ҶСП «РОҲИ АБРЕШИМ 2010» | 03.мар.10 | 040030217 |
| 321 | ҶДММ «АХМАДЧОН 2010» | 24.сен.10 | 040032070 |
| 322 | ҶДММ «ИМРОН 2011» | 22.апр.13 | 040042216 |
| 323 | ҶДММ «САЙЁРАИ САБЗ» | | 040020423 |
| 324 | ҶДММ «ТАВОНГАР» | 13.авг.09 | 040028501 |
| 325 | ҶДММ «ИНТЕРНЕЙШНАЛ ТРЕЙДИНГ» | 06.дек.10 | 040032669 |
| 326 | ҶДММ «НУРИ САҲАР» | 22.сен.08 | 040026532 |
| 327 | РДММ «МИРЗА-ТАУ АГРО» | 05.мар.10 | 040030238 |
| 328 | ҶДММ «ФАРЗОД 100» | 18.апр.11 | 040033753 |
| 329 | ҶДММ «УРАЛ ТРАНС» | 30.окт.10 | 040032422 |
| 330 | ФИЛИАЛИ АИЭИМТГСТЛШ | 04.апр.14 | 040045676 |
| 331 | ҶДММ»ГУЛЧИН» | 07.май.99 | 030004575 |
| 332 | ҶДММ «МУҲАММАДТОҲИР» | 07.апр.12 | 040036245 |
| 333 | ҶДММ «САБАБ» | 03.июл.02 | 040013060 |
| 334 | ҶДММ «ГОЛД СЕРВИС» | 05.июн.08 | 010025966 |
| 335 | ҶДММ «ЗАРРИ НУРР» | 28.окт.10 | 040032417 |
| 336 | ҶДММ «СУГДИЁН» | 04.май.01 | 040011606 |
| 337 | ҶДММ «МАДАД 2011» | 24.янв.11 | 040033068 |
| 338 | ҶДММ «ДОРУИ ДУНЁ» | 15.янв.10 | 040029735 |
| 339 | ҶДММ «ПЕШРАВОН» | 13.июл.17 | 040052574 |
| 340 | ҶДММ «НАКШБАНД» | 29.апр.09 | 040027719 |
| 341 | ҶДММ «Муштараки Русӣ-Тоҷики»РТКо» | 31.июл.09 | 040028354 |
| 342 | ҶДММ «МУРОД КОНСАЛТИНГ ГРУПП» | 24.янв.12 | 040035672 |
| 343 | МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТЕХНОЛОГИЯХОИ НАВИ ТАЪЛИМ» | 13.май.10 | 040030745 |
| 344 | ҶДММ «ТИК ФАРҲОД» | 13.июл.10 | 040031343 |
| 345 | ҶДММ «НЕКБИН» | 30.апр.10 | 040030621 |
| 346 | ҶДММ «НАҚЛИЁТИ ОСИЁ БАЛТИКА» | 28.мар.14 | 040045634 |

**(Давом дорад)**

# «ГӮСФАНД ВА ГУРГ ОЗОДИРО БА ТАВРИ ГУНОГУН МЕФАҲМАНД»

## ё Чӣ гуна бояд ҷавонону наврасонро аз таъсири бади интернет эмин дошт?

**Амният дар Интернет имрӯз ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз дар саросари дунё табдил ёфтааст. Ин масъала ба ҳама дахл дорад – ҳам ба хурдсолон, ҳам ба калонсолон, ба ҳамаи онҳое, ки аз ин шабакаи ҷаҳонии иттилоотӣ истифода мебаранд. Бахсусус ҷавонону наврасонро мебояд аз зиёни ин падидаи аср эмин нигоҳ дошт. Корманди Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фирӯзи Рамазон дар мақолааш перомуни ҳамин мавзӯъ андеша рондааст.**

Ҷавонон неруи созандаи давлату миллат буда, ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа дар рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ нақши назаррас доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аксари аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд, таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ва махсусан Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин қишри ҷомеа хеле зиёд аст. Дар яке аз суханрониҳояшон Пешвои миллат изҳор доштанд: **«Ҷавонон бояд хуб дарк намоянд, ки тақдири ояндаи халқу давлат ба дӯши онҳо гузошта шудааст».**

Аз ин суханони Президенти мамлакат бармеояд, ки ҷавонон дар назди давлату миллат масъулияти бузург дошта, дар таҳкими давлатдории миллӣ нақши калидиро иҷро мекунанд. Вале набояд фаромӯш кард, ки тақдири ояндаи миллатро ба он ҷавононе метавон вогузор кард, ки дар ҳақиқат ватандӯсту худогоҳ, соҳиби донишу малакаи мутобиқ ба замони муосир буда, аз ҳама муҳим, ғурури миллию зиракии сиёсӣ дошта бошанд.

Бинобар ин, тарбияи дурусти насли наврас вазифаи муҳими ҷомеаву давлат ба шумор меравад. Маҳз дар рӯҳияи ватандӯстиву инсондӯстӣ тарбия ёфтан ва дорои маърифати баланди сиёсию ҳуқуқӣ будан ҷавононро водор месозад, ки манфиатҳои миллии кишвари худро дарк ва ҳифз намоянд. Танҳо бо дарки баланди худшиносӣ ба мо муяссар мегардад, ки давлатдории миллии худро таҳким бахшем.

Чунки ҷаҳони зудтағйирёбанда бо худ равандҳои сиёсӣ, падидаҳои ҷадид, мушкилоти гуногуни сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба бор овардааст, ки хоҳу нохоҳ ба тафаккури ҷавонони кишварҳо, махсусан давлатҳои миллӣ таъсир хоҳад гузошт. Чун Тоҷикистон низ аз ин таҳдидҳо эмин нест, зарур аст, ки мушкилот ва сарчашмаҳои таъсиррасони он сари вақт муайян ва роҳи ҳалли дурусти пешгирӣ ва бартарафсозии онҳо пайдо гардад.

Яке аз падидаҳое, ки инсони муосир бе он худро тасаввур карда наметавонад, Интернет, дар маҷмӯъ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Интернет дастоварди бузурги инсоният дар асри 21 мебошад.

Дар баробари пешравиҳо ва ҷиҳатҳои мусбат, Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ як зумра проблемаҳои ҷиддиро низ ба бор овардаанд, ки сабаби ташвиши давлату ҷомеа гардидааст.

Тибқи тадқиқоти сотсиологӣ, дар як рӯз 33,3% истифодабарандагон, махсусан ҷавонон аз 5 то 6 соат вақти худро беҳуда дар Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд. Ин на ба маънои касбият ё шуғли ҳаррӯзаи онҳо, балки чун вобастагии зиёд аз шабакаҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад.

Вақтгузаронии барзиёд ва дар канор мондан аз олами ҳақиқӣ яке аз пайомадҳои манфии Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Ин мушкилот бештар дар байни наврасону ҷавонон мушоҳида мегардад. Дар ин ҷо бемасъулиятии волидон низ дида мешавад, зеро маҳз онҳо ба фарзандонашон компютер ва телефонҳои мобилӣ мехаранд, аммо назорат намекунанд, ки онҳо бо чӣ кор машғуланд, кадом маълумотро мутолиа мекунанд ва бо кӣ дар робита ҳастанд?

Бояд гуфт, ки амнияти давлату ҷомеа пурра аз таъмини амнияти иттилоотии кишвар вобаста буда, бо раванди рушду пешрафти техника ва технологияи ҷадид ин масъала боз ҳам ҷиддитар мегардад.

Имрӯзҳо на ҳама гуна шабакаҳои иҷтимоӣ назоратшавандаанд. Маълум аст, ки на ҳамаи маълумоти онҳо дурусту беғаразанд ва онҳо аксари вақт хатар эҷод мекунанд.

Маълум аст, ки солҳои охир гурӯҳҳои террористию экстремистӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ фикру ақидаҳои ифротии худро тарғибу ташвиқ менамоянд. Таҷрибаи кишварҳо, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аксари ҷавонон ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ба ин ё он гурӯҳу ҳаракатҳои ифротӣ пайвастаанд. Ҳизбу ҳаракатҳои ифротие, ки дар Тоҷикистон фаъолияташон манъ аст, имрӯзҳо аз хориҷи кишвар ақидаҳои нопоки худро мехоҳанд бар сари ҷавонони содаи мо бор кунанд.

Аз ин рӯ, идораю муассисаҳо ва ҷомеаи шаҳрвандиро зарур аст, ки шабакаҳои иҷтимоиро ба сифати рушди ҷаҳонбинии ҷавонон самаранок истифода кунанд ва тавассути гузаронидани суҳбату машғулиятҳои фаҳмондадиҳӣ дар дили онҳо ҳисси ватандориву миллатдӯстиро бедор намоянд. Муҳим аст, ки фарҳанг, анъанаҳои неки миллӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври зарурӣ таблиғ карда шаванд. Маҳз, ба ин восита метавон ҳувияти ҷавонону наврасонро тақвият бахшида, онҳоро аз бегонапарастию фитодан ба доми фиреби манфиатдорон наҷот дод.

Шабакаи ҷаҳонии Интернет минбари озод аст, вале истифодаи аз ҳад афзуни озодӣ низ мисли ҳама гуна неъматҳои дигар метавонад зарар ба бор орад. Чуноне, масалан, истифодаи аз меъёр зиёди асал низ, ки доруи бисёр бемориҳост, метавонад муҷиби сар задани бемориҳо гардад.


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2019 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

*Нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*

***86 СОМОНӢ***



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

Обуначиёни фаъол аз тарафи идораи «Боҷу хироҷ» ҳавасманд карда мешаванд.

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Алишери Раҷаб» (РЯМ 1810006495), воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Садовод» (РЯМ-1610000398), воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ориён Сифат» (РЯМ 0210023981) воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Судайс 2010» (РЯМ - 0310017052), воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Сино» (РЯМ - 0310005071), воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Нури Шаҳзод» (РЯМ 0710007980) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.

■ Хоҷагии деҳқонии «Сарвар» (РЯМ 6210002673) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ Хоҷагии деҳқонии «Ниёзбобо» (РЯМ 6210002792) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Шаҳодатнома барои бақайдгирӣ оид ба супорандаи ААИ силсилаи U09 №007467 (РЯМ 0910007918) мутааллиқ ба ҶДММ «Пэнчин Технолоҷӣ» аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома барои бақайдгирӣ оид ба супорандаи ААИ силсилаи U18 №009978 (РЯМ 1810007806) мутааллиқ ба ҶДММ «Муҳаммад-2007» аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ, Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, ва Гувоҳномаи дар бораи додани РМА тахти рақами 090013671, мутааллиқ ба ҶДММ «Пэнчин Технолоҷӣ» аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саидзода Бибисорои Фатоҳ (РЯМ 0331279007), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бобоев Умедшоҳ (РЯМ 0331237216), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Тураев Бахтиёр (РЯМ 1830034947), аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Сухроб (РЯМ 1830055435), аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.




■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Солиҳов Акрамхуҷа (РЯМ 5230006348), аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Носиров Сиёвӯш (РЯМ-0331304490), аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипов Абдулҳамид (РЯМ-0331313428), аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ашуров Ҳайдар (РЯМ-2230030734), аз ноҳияи Данғара бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ашуров Ҳасан (РЯМ-2230002904), аз ноҳияи Данғара бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Салимов Шодмон (РЯМ-2230022154), аз ноҳияи Данғара бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тӯхтаев Маҳкамҷон (РЯМ 6230057937), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холиқов Шоҳхолик (РЯМ 6230031418), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Кӯқанова Мӯҳтарам (РЯМ 6230003505), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мирзоев Раҳмонҷон (РЯМ 6230006787), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдураҳмонов Баҳодур (РЯМ 5530047215), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шокирова Омина (РЯМ 5530093406), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Салоҳ» (РЯМ 3730036338), аз ноҳияи Дӯстӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Ҳаитмаҳмад-2005» (РЯМ 0730040145), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба КТ «Иброҳимбобо» (РЯМ 0710006697), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Собирҷон» (РЯМ 2630004795), аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Соқӣ» (РЯМ 2630003035), аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Сайёд» (РЯМ 2630002623), аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин силсилаи А 018108 аз 16.08.2004 сол мутааллиқ ба Х/Д «Ҷаҳонгир» аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш,беэътибор дониста шавад.

**Номаи камол (Аттестат)-и гумшудаи тахти №0223611, ки онро гимназияи ДИТ ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собити Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба Муҳаббати Умедҷон, соли 2015 дар бораи хатми гимназияи мазкур додааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.**

## Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи шумо мерасонад, ки пас аз ҳисоб намудани маблағи андозҳо метавонед ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, тавассути нуқтаҳои ваколатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» маблағи андози дахлдорро ба буҷет пардохт намоед ва расиди маблағи пардохтшударо, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунанда, бо худ нигоҳ доред.

Ёдрас мешавем, ки дар сурати ба шахси дигар додани маблағи андоз эҳтимолияти пардохт накардани андозҳо ва боиси дар назди буҷет қарздор мондани шумо мегардад.

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОЛЛ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

## ОБЪЯВЛЕНИЕ

## УВАЖАЕМЫЕ НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКИ!

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

в целях предотвращение необоснованных требований сотрудников налоговых органов об предварительной оплате налогов с налогоплательщиков, за исключением случаев предусмотренных Налоговым кодексом Республики Таджикистан, убедительно просит Вас

**ВОЗДЕРЖАТЬСЯ ОТ УПЛАТЫ ИЗЛИШНИХ НАЛОГОВ ТЕКУЩЕГО ПЕРИОДА.**

В связи с этим, в соответствии с положениями статьи 19 Налогового кодекса просим вас в целях определения правильности налоговых обязательств в каждом налоговом периоде, постоянно осуществлять налоговые акты сверки с налоговыми органами по месту налоговой регистрации. В случае несоблюдения настоящих требований со стороны сотрудников налоговых органов,

**МОЖЕТЕ ОБРАЩАТЬСЯ В КОНТАКТ – ЦЕНТР НАЛОГОВОГО КОМИТЕТА ПО ТЕЛЕФОННОМУ НОМЕРУ 151 ИЛИ ПИСЬМЕННО.**

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**



Аз таърихи андоз

# АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ЗАМОНИ БАРҚАРОРШАВИИ СОТСИАЛИЗМ

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Ҷадвали андозаи пардохти баробарсозӣ таҷдиди назар шуд, тартиби тасдиқи он тағйир ёфт. Ҳаҷми пардохти баробарсозӣ барои баъзе соҳаҳои корхонаҳои саноатӣ ва савдо дар таносуби фоиз ба гардиши онҳо аз ҷониби Комиссариати халқии молияи ИҶШС бо мувофиқаи Комиссариати халқии савдои хориҷӣ ва дохилии ИҶШС мутобиқи меъёрҳои андозбандӣ дар ҳаҷми 1 % савдои яклухт, 1,5 % савдои чакана ва 1,25 % истеҳсолоти саноатӣ тасдиқ мегардид. Мутобиқ ба ҳамин табели (ҷадвали) ҳаҷмҳои тақсимгардида доир ба навъҳои савдо ва соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ бо дарназардошти фоиданокӣ ва аҳамияти корхона дар хоҷагии халқ тасдиқ карда шуд.

**Соли 1928 дар андози истеҳсолоти саноатӣ ислоҳот сурат гирифт; норасоиҳои мавҷуда дар низоми андози истеҳсолоти саноатӣ бартараф шуданд, афзоиши маблағҳои ин соҳа ба буҷет мавриди муҳокима қарор гирифтанд.**

Мутобиқи низомномаи нав оид ба истеҳсолоти саноатӣ пардохт барои патент барҳам дода шуд, як навъи андозбандӣ дар таносуби фоизӣ нисбат ба гардиши маблағҳои корхона муайян гардид. Аз савдогарони хурд ва шахсони алоҳидаи машғули истеҳсолоти саноатӣ, ки ба рӯйхати ҷудогона ворид гардида, андози баробарсозӣ (уравнительный сбор) намесупориданд, андоз барои истеҳсолоти саноатӣ, дар ҳаҷми қатъӣ муқаррарგардида ситонида мешуд.

Бархам додани пардохтҳо барои патент, ситонидани андоз барои истеҳсолоти саноатӣ танҳо аз маблағҳои дар гардишбудаи корхона имконияти ба он зам намудани андоз барои гардиши маҳсулоти арзишдорро, ки он ҳам аз рӯи гардиши маблағҳо ҳисоб карда мешуд, фароҳам овард. Ба шарофати ҳамаи ин чораҳо тартиби ситонидани андоз содатар гардид.

Дар як марказ муттаҳид намудани ситонидани маблағи аксизҳо ва андоз барои истеҳсолоти саноатӣ ва аз рӯи принсипи якдафъаги гирифтанашон зарурати мавҷудияти онҳоро ба тарзи мутавозӣ (яъне ду андоз) аз байн бурд. Муттаҳидсозии онҳо, ба сурати як пардохт дарομадани онҳо пас аз қарори ҳукумат дар бораи аз соли 1929 сар карда барҳам додани ситонидани маблағи аксиз аз молҳои соҳаи бофандагӣ ба сабаби баланд гардидани ҳаҷми андози истеҳсолоти саноатӣ, ба расмият даромад (қонунӣ гардид). Аз соҳаи истеҳсоли спирт, барьакс, андоз аз истеҳсол барҳам хӯрд, вале мутобиқан пардохт барои аксиз афзоиш ёфт.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир Исломов «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**




## АЗ ҲАР ХУСУС



Хитой яке аз давлатҳои технологии ҷаҳон ба шумор меравад.

# ТАЛАБАГОНИ МАКТАБҲОИ ХИТОЙ БО ЛИБОСИ ЧИПДОР

Дар ин давлат шумораи беҳисоби камераҳо бо функсияи шинохти чеҳра амал мекунанд. Ин камераҳо, инчунин, қонуншикананро низ сабт намуда, ба ҳама баҳогузорӣ менамоянд. Дар соҳаи маориф системаи нави назорат ворид шуд. Бинобар, ба маълумоти расонаҳо, камераҳои дар мактабҳо насбшуда метавонад дақиқ кунанд, ки талаба ба дарс майл дорад ё на. Ҳоло маълум гардид, ки боз либоси ягонаи мактабии "доно" ворид шуд. Он метавонад иштироки талабагонро дар мактабҳо назорат кунад.

Чи хеле ки The Verge менависад, чунин либос аз об наметарсад. Он бо ду чип муҷаҳҳаз буда рафтуомади талабагонро қайд мекунад. Агар талаба мактабро пеш аз дарс тарк карданӣ шавад, ба устодон паёмак ирсол менамояд. Инчунин, баъзе аз чунин либос метавонад ҳолати хоб ё бедории талабаро назорат кунад ва барои пардохт низ истифода шавад. Дақиқ кардани ҷойгиршавии талаба низ вазифаи ҳамин гаджет мешавад. Ба иттилои баъзе аз манбаъҳо, чунин либос ҳанӯз соли 2016 ба истифода дода шуда буд.

# СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Осмон бо абр зебост, инсон бо сабр.

ххх

Бузургии шахс ба фурӯтаниву дониш, ақлу заковати инсон бошад на ба молу ҷоҳи ӯ.

ххх

Кибр ба мисли сангест, дар миёни дарё, на шино карда метавонаду на парида.

ххх

Ҳаётро дӯст дорӣ, вақтатро сарф макун, зеро вақт ҳаёт аст.

ххх

Қалб бо чизе, ки пур бошад, аз забон ҳамон мерезад.

ххх

Асалро на ангуштдарозон, балки онҳое мехӯранд, ки насибашон аст.

# ПАНИР СУРХИИ ЧАШМРО НЕСТ МЕКУНАД



**Мизоҷи панир дар дараҷаи дувум сард ва тар аст.**

**Хислатҳои шифобахши он:** хӯрдани панир меъда, рӯдаҳо ва гурдаҳоро қувват мебахшад. Гурда агар қавӣ бошад, дар он санг пайдо намешавад, дарунро мулоим месозад, панирро дерҳазм ҳам бошад, дар бадан моддаҳои солим пайдо мекунад ва баъд аз ҳазм ёфтан зуд ба узвҳои бадан мегузарад. Панирро варақ карда, ба чашм гузошта банданд, нуқтаҳои сурхаки хунини дар чашм афтода ва дарди чашмро рафъ менамояд. Панири ғайричакидаро, яъне паниреро, ки обашро фишурда берун накарда бошанд, бихӯранд, хоб меоварад, барои табҳои диқ (лоғаркунанда), сил, ҳафси меъда даво мешавад, хушкӣ ва шахшӯлии пӯсти баданро ба ислоҳ меоварад, васвосро дафъ месозад. Барои беморихои сафровӣ ва тафсидани хун нафъ дорад.

ПАНДИ РӮЗГОР

# ЧАҲОР ЧИЗ...



■ **ЧАҲОР ЧИЗ НИШОНИ САОДАТ АСТ:**

1. Қавли рост. 2. Аҳди дуруст. 3.Тавозуъ дар ҳама ҳол. 4. Саъй дар касбу камол.

■ **ЧАҲОР ЧИЗ НИШОНИ АБЛАҲӢ АСТ:**

1. Мағрурию такаббур. 2. Айб ҷустан. 3. Бахилӣ кардан. 4. Аз нокасон умеди беҳӣ доштан.

■ **ЧАҲОР ЧИЗ БО ЧАҲОР ЧИЗ ТАМОМ ШАВАД:**

1. Дониш ба ақл. 2. Тоат ба порсой. 3.Амал ба сидқ. 4. Неъмат ба шукр.

■ **ЧАҲОР ЧИЗРО ТАҒЙИР МУМКИН НЕСТ:**

1.Гардонидани қазоро. 2. Ботил кардани ҳақро. 3. Накӯи кардан бадхӯро. 4. Хушнуд кардани халқро.



# ОЁ МЕДОНЕД?

Эйнштейн ба монанди ҳамаи одамони наҷиб баъзе хислатҳои аҷоиби ғароиб дошт. Вай ҳеҷ гоҳ ҷуроб намепӯшид ва онро бефоида меҳисобид.

Ӯ ғиҷҷакро хеле дӯст медошт ва худаш тасдиқ мекунад, ки агар олим намебуд, мусиқинавоз мешуд, зеро ӯ зиндагӣ, афкор ва андешаи худро тавассути мусиқӣ медид.

# РАНГИНКАМОН Ё ПУЛ

Рейн-бой - бриз (пули рангинкамон) - муҷассамаи миллӣ ба ҳисоб рафта, дар кӯли Пауэлли иёлати Ютаи ИМА воқеъ гардидааст. Он аз хокаи сурх бунёд ёфтааст. Масоҳати байни пояҳояш 82,3, баландиаш то ба 88,4 метр мерасад, ки аз муҷассамаи «Озодӣ» ду баробар бузургтар аст. Ин рангинкамон барои ҳиндуҳои маҳаллӣ ҷойи муқаддас ба шумор меравад. Дар як сол онро қариб 300 000 нафар тамошо мекунанд.

Боҷу Хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

➢ **Тел:** 233-08-40 (қабулгоҳ), 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

➢ **Навбатдор:** Фотимаи МИРЗОХОН

➢ **Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

► ***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

***Теъдод: 38 680***